ЗАРШӮЙЙ. ЧАРО ТОЛИБОН ИҶОЗАТ ДОРАНДУ ТОҶИКОН НЕ? с.5

ЯСМИН АН-НАМР. АВВАЛИН БОНУИ БАДАНСОЗИ ТОҶИК КИСТ? с.10

ФАРҲАНГСОЛОР. ЁДЕ АЗ ХОЛМУРОД ШАРИФОВ с.7

ТОҶИКИСТОН

30 сол бо шумо

№50 (1509)
14.12.22

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якдост! ~

1992-2022



ИМТИЁЗ БА «СОМОН ЭЙР» ВА «ТОҶИК ЭЙР» ОЁ ЧИПТА АРЗОН МЕШАВАД?

ВИКТОР БУТ
Зодаи Тоҷикистон – “Шоҳи силоҳфурӯшон” с.4

БАХТИЁРИ ҚУТБИДДИН:
Матбуот ҳеҷ гоҳ аз байн намеравад с.9

ХАТЛОН
Таъсиси 4 ҷоиза барои ҳунармандон с.2

МИҶГОНА САМАДОВА
Роҳи пурпечутоби 5 карат Қаҳрамони ҷаҳон с.10

ФАҲШСАРОЙ
Чаро дар адабиёти тоҷик зиёд шуд? с.3

ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
Он кай дар маснад менишинад? с.6

ОТА ҶАЛОЛ НОСИРОВ
Ва як васияти Амир Олимхон с.14

КАНЗИ ШИФО
Нони ҷав давои бемории дил с.13

ОТКРОЙТЕ СВОЙ БИЗНЕС В ИНТЕРНЕТ!

У Вас есть **товар** или **услуга**?
Неважно, какого размера Ваш бизнес!
Вы легко можете продвинуть его и рассказать о себе сотням тысяч потенциальных клиентов.

Звоните и узнайте **КАК**?
Матадор - Партнер Медиа-группы ОИЛА

Matador
ОИЛА

+992 711 22 7777 Сайт **matador.tj** Почта **info@matador.tj**

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон,
академик

Далер ҶУМЪА,
вазири энергетика
ва захираҳои оби ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,
профессор

Шералӣ РИЗОЁН,
сиёсатшинос

Абдулмаҷид УСМОНОВ,
журналист

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ, Фаронса

Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,
профессор, ҷомеашинос

Амина ШАРОФИДДИНОВА,
узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
938-66-82-64, 221-41-11
furush@rg.tj

НАҚШАИ АНДОЗ ЗИЁД ИҶРО ШУД. АЗ КАДОМ ҲИСОБ?

Дар Тоҷикистон 11 моҳи соли равон нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба андозаи 103,6% таъмин гардид.

Тавре Pressa.tj аз Кумитаи андози Тоҷикистон иттилоъ гирифт, аз ҳисоби андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ 14 млрд 6,4 млн сомонӣ маблағ ворид шудааст. Дар 11 моҳи соли равон нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба андозаи 103,6% таъмин гардида, ба ҷойи 13 млрд 516,2 млн сомонӣ ба буҷети давлатӣ 14 млрд 6,4 млн сомонӣ ворид гардидааст. Ин нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 490,2 млн сомонӣ бештар мебошад.

Дар ин муддат иҷрои нақшаи андозҳо ва пардохтҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба андозаи 106,5%, вилояти Хатлон - 102,5%, вилояти Суғд - 104,8%, шаҳри Душанбе - 100,8%, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар маҷмуъ - 100,8% ва Раёсати андози андозсупорандагони калон 98,8% таъмин карда шудааст.

Ҳамзамон, дар ин давра аз тарафи мақомоти андоз нисбат ба андозсупорандагони қарздор 12 ҳазору 508 адад қарорҳо оид ба маҷбуран ситонидани андозҳо ба маблағи 827,3 млн сомонӣ қабул шудааст. Аз ҳисоби қарорҳои дар соли 2021 қабулшуда дар маҷмуъ ба буҷет 793,7 млн сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 37,5 млн сомонӣ бештар аст.

БАРОИ ҲУНАРМАНДОНИ ХАТЛОН ҶОИЗА ТАЪСИС ЁФТ

Дар Хатлон ба номи чор ҳунарманди санъату театр ҷоиза таъсис ёфт, ки ба ғолиби ҳар номина 5 ҳазор сомонӣ тақдим мегардад.

Дар вилояти Хатлон ҷоизаҳои раиси вилоят дар риштаи мусиқии суннатии фалак ба номи Одина Ҳошимов, дар бахши санъати эстрадаи миллӣ ба номи Муқаддас Набиева, дар риштаи санъати театр ва ҳаҷв ба номи Аловуддин Абдуллозода ва дар бахши санъати рақси миллӣ ба номи Туйдӣ Бобиева гузошта шудааст.

Иқдоми мазкур ба хотири ҳавасмандгардонӣ ва баланд бардоштани мақоми кормандони соҳаи фарҳанг, рушду такомули санъати касбӣ ва театрӣ дар вилоят роҳандозӣ карда шудааст. Ба ғолибони ҳар номина диплом, медал ва 5000 сомонӣ мукофотпулӣ тақдим карда мешавад.

"Барои дарёфти ҷоиза ҳунармандони аз 18 то 50-солае, ки дар муассисаҳои фарҳангии қаламрави вилояти Хатлон на кам аз 5 соли охир фаъолияти эҷодӣ доранд, метавонанд довталаб бошанд",- гуфтанд аз мақомоти вилояти Хатлон ба Pressa.tj.

Ҷоизаи мазкур ҳар сол дар Рӯзи фалак ба ғолибон тақдим карда мешавад.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН

ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН



Яна Трофимова, барандаи озмуни "Мисс Кузбасс" ва "Мисс Россия"

ЗОДАИ ТОҶИКИСТОН РУСИЯРО ДАР ОЗМУН МУАРРИФӢ МЕКУНАД

Русияро дар озмуни солонаи «Зебосанами ҷаҳон - 2022» Яна Трофимова, ки зодаи Тоҷикистон аст, муаррифӣ хоҳад кард.

Яна Трофимова 31 сол дошта, дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст. Пас аз як моҳи таваллуди ӯ оилаи онҳо ба Новокузнетск мекӯчанд ва даврони бачагии Яна дар Сибир сипарӣ мешавад. Яна Трофимова факултаи ҳуқуқшиносиро дар вилояти Кемерова хатм карда, пас аз хатм як муддат аз рӯи ихтисос кор мекунад ва баъдан директори бренди байналмилалии косметикӣ интихоб мешавад.

Баъдан ӯ ба тиҷорат дар самти зебоӣ рӯ меорад ва ҳоло дар пойтахти Русия - шаҳри Маскав зиндагӣ мекунад. Ӯ оиладор ва соҳиби ду духтар аст.

Яна пештар унвонҳои баланд, ба мисли «Мисс Кузбасс» ва «Мисс Россия»-ро дар Русия соҳиб шудааст.

Озмуни «Зебосанами ҷаҳон» аввалин маротиба соли 1984 дар Австралия баргузор шуда буд.

САРИ САБЗ



Абдунабӣ САТТОРЗОДА, доктори илмҳои филологӣ

- Довталабон дар риояти вазн, дар қироати шеър, дар баёни мазмун лакнат доранд. Вобаста ба омодагияшон аст, агар хуб тайёрӣ дида бошад, ба худ эътимод дорад, бурро ва бидуни тарсу ҳаросу ҳаяҷон суҳбат мекунад.

- «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» муътабартарин озмуни миллӣ аст. Барои ҳамин, ба китобҳои хондаи довталабон ҳам таваҷҷуҳ диҳед. Мабодо лакнат дар мазмуну вазни шеърҳо набошад?!



Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА, вазири молияи Тоҷикистон

- Давлатҳо рушди иқтисодии худро тавассути татбиқи ҳар гуна тарҳу лоиҳаҳои афзалиятдошта таъмин менамоянд. Бояд дарк кунем, ки рушди иқтисоди кишварро танҳо бо маблағҳои буҷетӣ таъмин кардан аз имкон берун аст.

- Албатта, бе қарз ҳам намешавад, ҷаноби вазир. Қарз бигиред, вале асосан кӯшиш намоед, ки бурсияҳои бебозгаштро ба даст оред.



Валиҷон АЗИЗОВ, сарояндаи попи тоҷик

- Соли 2004 нахустин консерти мо дар шаҳри Душанбе, дар "Кохи Борбад" баргузор шуд. Мухлисон чунон зиёд буданд, ки оинаҳои "Кохи Борбад"-ро шикастанд. Ҳоло аз он рӯзҳо аксҳо ҳастанд.

- Ягонто аз ҳамон аксҳо намедиҳед, ки расонаӣ кунем? Ё дар аксҳо оинаҳои шикастаи "Кохи Борбад" ҳам намоёнанд?

ИМТИЁЗ БА «СОМОН ЭЙР» ВА «ТОҶИК ЭЙР»

Оё чипта арзон мешавад?

Ширкатҳои ҳавопаймоии Тоҷикистон то соли 2027 имтиёз гирифтанд. Дар асоси тағйирот ба Кодекси андози Тоҷикистон, ки вакилони парлумон онро қабул карданд, акнун ширкатҳои ватании ҳавопаймоӣ аз чанд намуди хизматрасонӣ озод ҳастанд. Аммо то куҷо ин имтиёз ба нафъи ҷомеа аст ва ба коҳиши нархи чипта таъсир мерасонад?



PRESSA.TJ

Ҳоло дар низоми ҳавопаймоии Тоҷикистон ду ширкат: “Тоҷик Эйр” ва “Сомон Эйр” фаъолият мекунанд. Аммо ширкати “Тоҷик Эйр” фаъолити чашмрас надорад. Шояд баъди имтиёзи ҳукумат ин ширкат қомат рост намояд...

ШАРҲИ ВАЗИРИ МОЛИЯ

Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири молияи Тоҷикистон дар шарҳи сабукиҳои андозӣ дар парлумон гуфтааст, ки он ба муҳлати 5 сол, яъне то соли 2027 амал хоҳад кард. Ҳадаф аз ин ташаббус дастгирии давлатии авиатсияи граждани арзёбӣ мегардад. Дар асоси тағйирот ба Кодекси андози Тоҷикистон, даромадҳои ғайрирезидентӣ аз иҷораи ҳавопаймо, чархбол ва муҳаррикҳо, хизматрасонӣ ва таъмири ҳавопаймоҳои ширкатҳои ватанӣ аз пардохти андоз аз даромад озод карда мешаванд. Инчунин, воридоти сӯзишворию моеъҳои кимиёвӣ ва равғанҳои молиданӣ барои ҳавопаймою чархбол, воридоти ҳавопаймо, муҳаррикҳо бевосита аз ҷониби ширкатҳои ватанӣ аз андоз аз арзиши иловашуда озод мебошанд. Ҳамчунин, хизматрасониҳои лизинги ширкатҳои ғайрирезидентӣ ба ширкати ватании ҳавопаймоии Тоҷикистон аз андоз аз арзиши иловашуда озод мегардад. Ба таъкиди вазири молия, дар ростои сабукиҳо “Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва “Стратегияи рушди сайёҳӣ дар чумҳурӣ барои давраи то соли 2030” ба назар гирифта шудаанд. Тибқи санадҳои мазкур, рушди нақлиёти ҳавоӣ ва васеъ кардани паркҳои ҳавопаймоӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ, зиёд кардани хатсайрҳои ҳавоӣ ҳамчун ҳадафи асосӣ муайян гардидааст.

ПАРВОЗ ЗИЁД, ЧИПТА АРЗОН МЕШАВАД? ПОСУХИ ВАКИЛ

Вакили Мачлиси намояндагони Тоҷикистон тағйирот ба Кодекси андозро, ки ба ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ сабукиҳо пешбинӣ мекунад, шарҳ додааст. Сабукиҳо ба ширкатҳои ҳавопаймоии Тоҷикистон интихоби хатсайрҳои ҳавопаймоӣ барои мусофиронро зиёду чиптаро арзон мекунад. Ин нуктаро раиси Кумитаи Мачлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Маҳмадалӣ Қурбонзода таъкид намудааст. Номбурда дар шарҳи тағйироти қабулшуда ба Кодекси андоз таъкид дошт, ки ин тарҳ барои баланд бардоштани устувории хатсайрҳо, идораи бехтари паркҳои ҳавопаймоӣ, зиёд шудани интихоби хатсайрҳо, коҳиши арзиши хизматҳо ва чиптаҳои ҳавопаймоӣ мусоидат менамояд. Вакил таъкид намудааст, ки дар ҳоли ҳозир номукаммалии хизматрасонӣ дар хатсайрҳои ҳавоии мавҷуда, кам будани шумораи ҳавопаймоҳо, гарон будани арзиши чиптаҳо барои рушди сайёҳӣ таъсири манфӣ расонида истодааст. Дар баробари хизматрасониҳои лизинги ширкатҳои ғайрирезидентӣ ширкати ватании ҳавопаймоии Тоҷикистон низ аз андоз аз арзиши иловашуда озод мегардад.

Ҳоло дар низоми ҳавопаймоии Тоҷикистон ду ширкат: “Тоҷик Эйр” ва “Сомон Эйр” фаъолият мекунанд. Аммо ширкати “Тоҷик Эйр” фаъолити чашмрас надорад. Танҳо ягона ширкате, ки дар хизматрасонӣ ба мусофирон мавқеи намоёнро гирифтааст, “Сомон Эйр” мебошад. Вале бо вучуди ин, ҳамасола нархи чипта вобаста ба мавсим, махсусан баҳор, ки рафтани муҳоҷирон зиёд ба назар мерасад, майли болоравӣ мекунад. Нархи билети ҳавопаймо дар Тоҷикистон яке аз гаронтаринҳо дар минтақа низ дониста мешавад. Аз ин хотир, баъди боз шудани сарҳади Тоҷикистон бо Ӯзбекистон ҳамасола ҳазорон муҳоҷир мачбур мешаванд, ки аз тариқи кишварҳои ҳамсоя, бахусус Ӯзбекистон ба Русия сафар кунанд. Борҳо мақомоти кишвар сабаби баланд будани нархи билетро ба гарон будани сӯзишворию ҳавопаймо ва баъзе омилҳои дигар рабт додаанд. Шояд баъди чунин имтиёз чипта арзон мешаваду интихоб танҳо тавассути Тоҷикистон ба қалаврави Русия ва дигар давлатҳо сурат мегирад.

Вақт нишон медиҳад.

У. РАҲИМЗОДА

5 СОЛ ИМТИЁЗ



ОЗОД АЗ ПАРДОХТИ АНДОЗИ ДАРОМАД:

1. Даромадҳои ғайрирезидентӣ аз иҷораи ҳавопаймо

2. Чархбол ва муҳаррикҳо


3. Хизматрасонӣ ва таъмири киштиҳои ҳавоии ширкатҳои ватанӣ

ОЗОД АЗ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА:

1. Воридоти сӯзишворӣ, моеъҳои кимиёвӣ, равғанҳои молиданӣ барои ҳавопаймою чархбол

2. Воридоти ҳавопаймо, муҳаррикҳо бевосита аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ

МАВҚЕЪ



АДИБАИ ХУҶАНДӢ

ФАҲШСАРОӢ

Чаро дар адабиёти тоҷик зиёд шуд?

Ман яке аз дӯстдорони адабиёти ҷаҳон ҳастам. Қариб ҳама рӯз ба сойтҳои адабиёти ҷаҳон ҷустуҷӯ меравам, мехонам. Хусусан ашъори адибаҳои ҷаҳонро хеле мехонам.

Дирӯз мушоҳида кардам, шоираҳои рус, ки садҳо нафаранд, ашъори ошиқонаро хеле зебо ва паси пардаҳои ҳарир мегӯянд. Ва мутаассифона мо ашъори фаҳш зиёд дорем. Нисбат ба як шеъри латифу муаддаби ошиқона шеъре бештар мавриди ҳоюҳу ва балегӯӣ қарор мегирад, ки пардаҳоро барҳам задаву урён бошад. Калимоти аҳриманӣ ҳам дар шеърҳои мо кам нест. Вақте адабиёт адаб аст, маълум мешавад қонуни адабиётро шикастаем. Хусусан дар “Фейсбук” ашъори белибоси ошиқона зиёд аст, ки мухлисонаш ҳам зиёд аст. Вақте як одам бидуни либос кӯча равад, албатта тамошобинаш зиёд мешавад ва шеъри урён ҳам бадтар аз он аст... Албатта шоирон шояд медонанд, ки ин гуна шеърҳо истиқболи зиёд мешавад. Ман ҳам дорам ашъори ошиқонае, ки шояд байте ё мисрае аз ҳад гузашта бошад, ки ҳатман аз бахраш хоҳам гузашт. Рэперҳо, блогерҳо шояд ба шоирон таъсир карданд. Ё шояд хостем замонавӣ бошем, шеърро ба ин роҳ нав кунем. Шояд мафтуни лайкҳои зиёди хонандагон шудем. Аммо фикр мекунам, бояд эътидоли зебоии одоби шеър нигаҳ дошта шавад ва қонуни пардаҳои ҳарири зеборо аз байн набарем...

Ман намегӯям, ки ман ин гуна шеър надорам, аммо аз баҳраш хоҳам гузашт. Баъдан мебинам, ки аз шоирони мард дида хонумҳо ҳассостарем дар гуфтани ин гуна шеърҳо. Шояд дар зиндагӣ чунин ҳарфҳо нест, аммо дар шеър ҳам набошад, бехтар аст. Инро аввало барои худам мегӯям. Аммо ҳастанд шоираҳое, ки агар ин мавзуъ аз ашъорашон хориҷ шавад, хеҷ мавзӯи дигари шеър надоранд...

Хонандагони мо духтаракони ҷавон ҳам ҳастанд, ки набояд фаромӯш кунем...

ЗОДАИ ТОҶИКИСТОН - «ШОҲИ СИЛОҲФУРӮШОН»

Путин Виктор Бутро озод кард

Виктор Бут, соҳибкори рус, чеҳраи шинохтаи ҷаҳони ҷиноӣ, ки расонаҳо ӯро "шоҳи силоҳфурӯшон" ва "тоҷири марг" муаррифӣ мекунанд, бо талошҳои президенти Русия Владимир Путин аз зиндони ИМА раҳо карда шуд. Бут зодаи Тоҷикистон аст…



Виктор Бут ҳамроҳи ҳамсар ва духтараш

БО ТАЛОШИ ПУТИН

8-уми декабри соли 2022 дар фурудгоҳи Абу-Забии Иморати Муттаҳидаи Араб табодули маҳбусон, байни Амрико ва Русия сурат гирифт. Расонаҳо хабар додаанд, ки ҷониби Амрико шаҳрванди Русия Виктор Бутро, ки дар Амрико бо ҷурми қочоқи силоҳ ҳукми худро адо мекард, бо Бриттни Грайнер, баскетболбози амрикоӣ, ки дар Русия бо ҷурми қочоқи маводи мухаддир зиндонӣ шуда буд, иваз кардааст.

Гуфта мешавад, ки ҳарду маҳбус пеш аз табодул аз тарафи ҳукуматҳо афв шудаанд. Ин маънои онро дорад, ки на Бут ва на Бриттни мухлати боқимондаи ҳукмро дар ватанашон сипарӣ нахоҳанд кард ва дар кишварҳояшон ба ҷавобгарӣ кашида нахоҳанд шуд.

Вазорати корҳои хориҷии Русия гуфтааст, ки табодул бо миёнчигарии Иморати Муттаҳидаи Араб ва Арабистони Саудӣ сурат гирифтааст. Ин вазорат навиштааст: "Русия аз дер боз аст, ки барои раҳоии Бут кӯшиш мекард ва бо Амрико пайваста музокира менамуд. Вале ҷониби Амрико қатъан ин қазияро рад мекард ва мухолифи истирдоди ӯ ба ватан буд". Ба гуфти ин вазорат, дар ин табодул "нақши асосиро президенти Русия Владимир Путин бозӣ кардааст" ва табодули Бут бо варзишгари амрикоӣ "бо кӯшишҳои бевоситаи ӯ" амалӣ шудааст.

Дар ҳамин ҳол, як мансабдори воломақоми Кохи Сафед низ ба CNN гуфтааст, ки "раисҷумҳур Байден ҳамеша бо тими музокиракунанда дар алоқа буд".

ТОҶИРИ МАРГ

Виктор Бутро ҳанӯз соли 2008 пулиси Тайланд дар Бангкок боздошт ва ба Амрико истирдод карда буд. Додгоҳи Амрико Бутро бо ҷурми даст доштан дар қочоқи силоҳ ба режимҳои гуногун ва гуруҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон ба 25 соли зиндон маҳкум кард.

Виктор Бут зодаи Тоҷикистон буда, бо номҳои "тоҷири марг", "шоҳи тиҷорати яроқ" ва "барони бозори силоҳ" машҳур аст. Ӯ соли 1967 дар Душанбе



Мактабе, ки Виктор Бут хатм кардааст. Ноҳияи Рӯдакӣ


ба дунё омада, мактаби миёнаи махсуси омӯзиши забони олмониро дар ноҳияи Рӯдакӣ (Ленин) хатм кардааст. Ҳамзамон ӯ дар Тоҷикистон забони байналмилалии эсперанторо низ аз худ намуда, баъдан ба омӯзишгоҳи низомии Қазон дохил шудааст. Хидмати сарбозиро дар Украина гузаронида, пасон ба Донишкадаи низомии забонҳои хориҷии Маскав дохил шуд ва забони португалиро низ аз худ кард. Дар замони Шӯравӣ ҳамчун тарҷумони низомӣ дар сафи қувваҳои мусаллаҳ хизмат карда, дар солҳои навадум рӯ ба тиҷорат оварда. Ибтидо ба хариду фурӯши байналхалқии гул, гӯшти мурғ ва таҷҳизоти мебелӣ машғул буд.

Баъдан номи Виктор Бут ҳамчун тоҷири силоҳ машҳур шуд. Ӯ дар як мусоҳибааш қоил мешавад, ки ҳанӯз дар синни 25-солагӣ ба тиҷорати силоҳ даст зада, ин корро дар Афғонистон оғоз намудааст. Гуфта мешавад, ӯ ҳам ба неруҳои давлатии Афғонистон ва ҳам ба гуруҳи террористии "Толибон" аслиҳа мефурӯхт.

Инчунин ӯ ба шӯришгарон дар Ангола ва кишварҳои Африқои ғарбӣ низ силоҳ мефурӯхтааст. Ва дар ҳамин замина СММ бар зидди Бут ҳатто дар соли 2000-ум таҳримот ҷорӣ намуд.



Бут бо ҳамсинфони тоҷикистониаш



Бриттни Грайнер

Ҳатто кораш то ба он дараҷае мерасад, ки соли 2002 ба гуруҳи террористии "Ал-Қоида" яроқи кимиёӣ дастрас мекунад. Пас аз ин муомила "Интерпол" Бутро зери пайгард қарор медиҳад ва Бут ба таври доимӣ дар Русия боқӣ мемонад. Вале зимни як амалиёти махсуси истихбороти Амрико ӯ бехабар аз доми Амрико дар Тайланд боздошт мешавад.

ПЕШВОЗ БО ОШИ ПАЛОВ

Виктор Бутро дар Москва ҳамсараш ва модараш бо оши палов пешвоз гирифтанд. Расонаҳои русӣ менависанд, ки Бут паловро дӯст медорад. Ҳамсари Виктор Бут Алла Владимировна рассом, тарроҳ ва соҳибкор аст. Дар манбаъҳои боз омадааст, ки онҳо як духтар бо номи Елизаветта доранд. Бародари Виктор Бут Сергей низ тоҷир аст.

Виктор Бут вегетарианес аст. Дар мусоҳибаҳояш гуфтааст, ки пайрави ягон дин нест, вале ақидаҳои Исои Масеҳ, Зардушт, Буддо ва Кришнаро мепазирад.

Виктор Бут донандаи забонҳои англисӣ, франсузӣ, португалӣ, тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) зулу, коса, эсперанто аст.

Виктор Бут ба рассомӣ ҳам машғул аст. Соли 2015 замони дар зиндон буданаш дар Москва намоиши расмҳои ӯ баргузор шуд.

Дар бораи Виктор Бут чандин китоб навишта шуда, чанд филм ба навор гирифта шудааст.

ҲАМСАНГИ БУТ

Виктор Бутро бо Бриттни Грайнер иваз карданд. Ӯ яке аз машҳуртарин занҳо дар баскетболи ҷаҳон буда, чемпиони дукаратаи ҷаҳон ва чемпиони дукаратаи олимпист. Ӯ соли 2014 унвони чемпиони WNBA-ро ҳам соҳиб шудааст.

Ӯ инчунин дар рӯйхати 25 зани баскетболбози беҳтарини NBA шомил аст. Аз соли 2015 инҷониб Бриттни ҳангоми таътил дар чемпионати Амрико дар бошгоҳи баскетболи УГМКА-и шаҳри Екатеринбург бозӣ мекард.

Бриттниро моҳи феврали соли 2022, ҳамагӣ чанд рӯзе пеш аз оғози ҷанг дар Украина, ҳангоми бозгашт аз Ню-Йорк ба Маскав дар фурудгоҳи "Шереметово" боздошт карда буданд.

Бино ба фарзияи додгоҳ, гӯё ҳангоми тафтиш кормандони фурудгоҳ аз бағочи дастии ӯ як миқдори хурди маводи мухаддир пайдо кардаанд. 4-уми августи соли 2022 додгоҳ дар Русия ӯро ба муддати 9 сол равони зиндон кард ва ҳамчунин ҷарима ба маблағи 1 миллион рубли русӣ баст. Ӯ ҳукми худро дар зиндоне дар ҷумҳурии Мордовия адо менамуд.

БЕНЗИН ДАР ЎЗБЕКИСТОН АРЗОН ШУД

Аз 10-уми декабри соли 2022 то 1-уми марти соли 2023 дар Ӯзбекистон андози аксиз барои бензини навъи АИ-80 бекор шудааст.

Ба навиштаи расонаҳои Ӯзбекистон, баъди бекор шудани аксиз навъи бензини АИ-80 дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ 8,7% арзон шудааст. Акнун як литр бензини навъи АИ-80 дар Ӯзбекистон 0,5 доллар - муодили 5 сомонӣ фурӯхта мешавад.

КОБУЛОВ БА КОБУЛ МЕРАВАД

Намояндаи вижаи раисҷумҳури Русия дар умури Афғонистон ахиран ба рӯзноманигорон аз сафари худ ба шаҳри Кобул хабар додааст.

- Замир Кобулов ахиран гуфт, ки таърихи сафар ҳанӯз мушаххас нашудааст, аммо эҳтимолан ин сафар то қабл аз поёни сол анҷом хоҳад шуд,- иттилоъ додааст хабаргузории "ТАСС".

Тибқи иттилои ҳамин манбаъ, ин дувумин сафари Замир Кобулов ба Кобул аз замони рӯй кор омадани толибон дар Афғонистон хоҳад буд.

Аввалин сафари Замир Кобулов моҳи марти соли 2022 анҷом ёфта буд.

Кобулов пештар гуфта буд, ки масаълаи интиқоли қудрат дар Афғонистон ҳанӯз ҳал нашудааст ва Русия аз фаъолияти ДИИШ дар шимоли Афғонистон нигарон аст.

ПИДРОМ: АЗ ИМА НЕКИРО ИНТИЗОР ШУДАН СОДДАЛАВҲИСТ

Раҳбари Ҳизби кунгураи миллии Афғонистон иддао дорад, ки ИМА ҳеҷ гоҳ нияти барқарории сулҳ, субот ва адолату озодӣ дар кишварҳои минтақаро надошт.

- Вашингтон кӯшиш мекунад душвориҳо ва бухронҳоро эҷод кунад,- изҳор дошт раиси Ҳизби кунгураи миллии Афғонистон Латиф Пидром.

Ин ҳушдори ӯ дар ҳолест, ки қаблан аз афзоиши сафари фиристодаҳои ИМА ба минтақаи Осиёи Марказӣ гузоришҳо нашр гардиданд. Дар ин робита, роҳбари Думаи давлатии Русия Вячеслав Володин аз оқибати сафари фиристодаҳои ИМА дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳушдор дод.

ЗАРШӮЙӢ

Чаро Толибон иҷозат доранду тоҷикон не?

Давоми 3 соли охир дар Тоҷикистон ба 7 ҳазор шаҳрванд иҷозат дода шудааст, ки мустақилона ба истихроҷи тиллою канданиҳои фоиданок машғул шаванд. Дар ин бора Вазорати молияи Тоҷикистон - ниҳоди масъули додани иҷозатномаҳо ба шаҳрвандони кишвар барои заршӯйӣ хабар медиҳад.



30 НУҚТАИ ХАРИДИ ТИЛЛО ДАР КИШВАР

Вазорати молия ҳамчунин хабар медиҳад, ки дар минтақаҳои кишвар наздики 30 нуқтаи хариди тилло ташкил карда шудааст, ки аз шаҳрвандон бемаҳдудият тиллои ёфтаашонро мехарад.

Мавриди ба зикр аст, ки раисҷумҳури Тоҷикистон қоидаҳои додани иҷозат ба шахсони воқеӣ барои истихроҷи канданиҳои фоиданок бо усули худфаъолӣ ва худбиёриро моҳи ноябри соли 2019 имзо карда буд.

Ҳамин тариқ, Ҳукумати Тоҷикистон ба шаҳрвандон иҷозат дод, ки бо гирифтани иҷозатнома аз Вазорати молия мустақилона металлҳои ранга ва қимматбаҳо, сангҳои қимматбаҳо ва нимқимматбаҳо истихроҷ кунанд.

Саридораи геологияи тоҷик эълон дошт, ки даҳҳо қитъаро мушаххас кардааст, ки дар он ҷойҳо шаҳрвандон метавонанд ба заршӯйӣ машғул гарданд. Аз ҷумла чунин минтақаҳо дар шаҳру навоҳии Айнӣ, Бохтар, Ванҷ, Дарвоз, Дӯстӣ, Лахш, Куҳистони Мастчоҳ, Муъминобод ва Мурғоб мушаххас шудаанд.

Дар зимн Саридораи геологияи Тоҷикистон таъкид намуда буд, ки барои фаъолияти фардии тиллошӯй баъзе талабот ҷорӣ карда шудааст, ки бояд риоя гарданд. Аз ҷумла техникаи истифодашаванда набояд аз 50 қувваи асп зиёд бошад.

ЧАРО ИҶОЗАТНОМА НЕСТ?

Пас аз нашри ин омор дар байни заршӯёни вилояти Хатлон суоле пайдо шуд, ки чаро онҳо наметавонанд дар соҳили рӯдхонаи Панҷ заршӯйӣ кунанд?

Самариддин Шамсов - сокини ноҳияи Ҳамадонӣ мегӯяд, ки чанд маротиба барои гирифтани иҷозатнома талош кард, вале даводаваш натиҷа надод: “Ба ман мегӯянд, ки вазъ дар сарҳад ором нест, бинобар ин, иҷозатнома дода наметавонанд. Ҳол он ки, афғонҳо аз он тарафи дарё тилло мешӯянд. Чаро ба онҳо иҷозат будаасту ба мо не?”.

Ин ҳамсуҳбати мо мегӯяд, ки дар соҳили рӯди Панҷ, аз тарафи Афғонистон, садҳо нафар ҳар рӯз машғули заршӯйӣ ҳастанд. Толибон ба мардуми камбизоати онҷо иҷоза додаанд, ки зар биёбанду зиндагиашонро пеш баранд. Ҳукумати Тоҷикистон ҳам гуфта буд, ки ба сокинони ин тарафи сарҳад ба заршӯйӣ дар соҳили Панҷ иҷоза медиҳад, вале ҳанӯз қароре набаровардааст.

Баъзе аз сокинони шимоли Афғонистон мегӯянд, ки зиндагияшонро ба заршӯйӣ ва дарёфти сангҳои гаронбаҳо мегузаронанд, аммо миқдори он маълум нест.

Баъди ба қудрат расидани Толибон дар Афғонистон аз вилояти Бадахшони он кишвар гирифта то Тахор нуқтаҳои нави заршӯйӣ пайдо шудаанд. Онҳо аз техникаҳои гуногун истифода мекунанд.

Сокинони минтақаҳои наздимарзии Тоҷикистон ин вазъро мебинанду мехоҳанд аз имкони тиллоёбӣ дар дарёи Панҷ истифода кунанд, вале иҷоза надоранд.

Аз МИҲД-и ноҳияи Ҳамадонӣ ин маҳдудиятро шарҳ надоданд.

Вале масъалаи тиллоёбӣ дар дарёи Панҷ охири соли 2021 дар ҷаласаи солонаи Ҳукумати Тоҷикистон баррасӣ шуд. Мақомот мегӯянд, ки масъала ҳанӯз ниҳоӣ нашудааст.

Шояд Вазорати молия ва мақомоти дахлдор ба ин суол посух мегӯянд?

Диловар ҚОДИРПУР

МЕЪЁРИ НИШОНДИҲАНДА ДАР ТОҶИКИСТОН ЧАНД АСТ?

Дар асоси Қонун “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳаҷми нишондиҳанда барои ҳисоби ҷарима, андозу боҷ ва пардохтҳои иҷтимоӣ афзоиш меёбад. Ҳаҷми нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо назардошти сатҳи беқурбшавӣ барои соли дахлдор муқаррар карда мешавад. Ҳар сол дар Тоҷикистон ҳаҷми маблағи нишондиҳанда майли болоравӣ дорад.



$9,5 МЛН АЗ БИР БА МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН

Бонки исломии рушд (БИР) барои рушди соҳаи маорифи Тоҷикистон 9,5 млн доллар ҷудо мекунад.

Қарор дар ин бора зимни ҷаласаи Шӯрои мудирони Бонк таҳти раёсати президенти он Муҳаммад Ал-Ҷассер қабул шудааст.

Ба қатори кишварҳои гирандагони кумак аз БИР барои амалисозии лоиҳаҳои гуногун инчунин Кот-д'Ивуар, Гвинея, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Маврикия, Танзания ва Африқои Ғарбӣ шомил шуданд.

ОРД АРЗОН ШУД

Дар Тоҷикистон болоравии қимати бархе аз маҳсулоти зарурии ғизоӣ ба қайд гирифта шуд, вале қимати орди воридотӣ поин рафтааст.



Ҳамин тавр, халтаи 50-килоии орди воридотии навъи якум дар бозорҳои Тоҷикистон 290-300 сомонӣ арзиш дорад. Дар ҳамин ҳол, як ҳафта пеш нархи он 325 сомонӣро ташкил медод.

Ҳамасола аҳолии Тоҷикистон ба беш аз 2 миллион тонна гандум ниёз доранд, ки тақрибан нисфи онро тавлидоти дохилӣ таъмин мекунад.

Тибқи омор, дар 9 моҳи соли 2022 ба Тоҷикистон беш аз 38 ҳазор тонна орд ба маблағи беш аз 13,6 миллион доллар ворид шудааст.

Аз моҳи январ то сентябри соли 2022 ба ҷумҳурӣ ҳудуди 638 ҳазор тонна гандум ба маблағи беш аз 217,3 миллион доллар ворид карда шудааст.

Тибқи иттилои Вазорати кишоварзии кишвар, дар 11 моҳи соли 2022 дар ҷумҳурӣ беш аз 976,5 ҳазор тонна ғалла истеҳсол шудааст.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН



ЁДИ МАХСУМ ОЛИМӢ ва рӯнамоии китобҳои "Дар моварои ёдҳо" ва "Равзанаи саҳар"

Дар Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирӣ бо ташаббуси бахши суғдии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва китобхонаи мазкур маҳфили рӯнамоии китоби ёдномаҳои шоири шаҳиди тоҷик Махсум Олимӣ "Дар моварои ёдҳо" ва маҷмӯаи шеърҳои шоири ҷавон Шаҳриёр Олимӣ "Равзанаи саҳар" баргузор гардид.

Гардонандаи маҳфил Шоири халқии Тоҷикистон, мудири шуъбаи суғдии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Аҳмадҷон Раҳматзода маҳфилро оғоз бахшида, оид ба осору рӯзгори Махсум Олимӣ ва пайванди ӯ ибрози назар карда, хотираҳои равшани худро аз нишасту мулоқотҳои хеш бо шоири шодравон Махсум Олимӣ ёдовар шуд.

Ӯ аз ҷумла иброз дошт: "Дар адабиёт адиби бузург ва адиби хурд нест. Дар адабиёт ҳама суханварон баробар ҳастанд. Танҳо қуллаҳои баланд ва ахтарони равшане вуҷуд доранд, ки аз нури ин ахтарон шогирду ворис ва пасовандонашон нур гирифтаанд. Имрӯз маҳфили мо ба хонадони суханварон, ба устоди адабиёти мо, ки дар солҳои 90-ум шаҳид гардид, дӯсти арҷмандам Махсум Олимӣ ва фарзанди ин шахсияти номвар ва шоири шӯрида шоири ҷавони мо Шаҳриёр Олимӣ бахшида шудааст. Махсум олимӣ аз зумраи шоирони ҳассос ва боумед буд ва монанди як ҷарраққаи нуре, ки омаду рафт, аз худ як дафтари хуби ашъорро боқӣ гузошт. Адабиёти мо, ки ситоишгари ҷавонмардӣ аст, тавассути ҳамин гуна шахсиятҳои ба маънои комилаш "мард" мондагор мебошад. Махсум Олимӣ аз деҳаи хурди куҳистони Каздон бо пойтахти мамлакати бузурги Шӯравӣ - Москва бо ҷавонмардии устодон Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром барои таҳсил рафт ва шахсе буд, ки дар садоқат, рафоқат ва дӯстӣ якто ва беқиёс буд".

Сипас, директори китобхонаи вилоятӣ Баҳром Мирсаидов, декани факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров, профессор Замирахон Улмасова, доктори илмҳои филологӣ, профессор Нуралӣ Нурзод, шоирон Адиба Хуҷандӣ, Гулноз Тоҳириён доир ба паҳлуҳои мухталифи рӯзгору осори Махсум Олимӣ суханронӣ карда, нашри китоби шоири ҷавон Шаҳриёр Олимиро падидаи неки адабӣ арзёбӣ карданд.

"Дар моварои ёдҳо" маҷмӯи ёдномаҳои шоирон ва чеҳраҳои саршиноси аҳли адаби кишвар, аз ҷумла устод Қутбӣ Киром, нависандагони халқии Тоҷикистон Карроматуллоҳи Мирзо, Ато Ҳамдам, шоирони халқии Тоҷикистон Гулназар, Саидалӣ Маъмур, Камол Насрулло, Доро Наҷот, Ҳақназар Ғоиб, Муҳаммад Ғоиб, Аҳмадҷони Раҳматзод буда, аз бахшҳои ёдномаҳо (наср), нақдгунаву мусоҳибаҳо, сӯгворихо (назм) ва лаҳзаҳо дар аксҳо иборат мебошад. Китоби мазкур тариқи нашриёти "Ношир" бо теъдоди 300 нусха чоп шуда, мураттиби он Шаҳриёр Олимӣ, муҳаррири он Нуралӣ Нурзод мебошанд.

"Равзанаи саҳар" маҷмӯаи шеърҳои Шаҳриёр буда, ба он Шоири халқии Тоҷикистон устод Рустам Ваҳҳобзода пешгуфтор навиштааст.

Ёдовар мешавем, ки китобҳои мазкур бо дастгирии Роҳбарияти МИҲД-и вилояти Суғд ба нашр расидаанд, ки муаллиф аз эшон сипосгузор аст.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

КӮЧАИ АКАДЕМИК ОТАХОНОВА

Пешниҳоди олимон ба шаҳрдори Душанбе

Дар маросиме, ки санаи 9-уми декабр дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ бахшида ба 90-солагии академик Хуршеда Отахонова баргузор шуд, пешниҳод гардид, ки кӯчае дар Душанбе ба номи ин пажуҳишгари тоҷик гузошта шавад.

Дар ин маросим Фарангис Шарифзода, директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, академик Кароматулло Олимов, академик Муҳаммадюсуф Имомзода ва дигар муҳаққиқон иштирок ва суханронӣ карда, аз зиндагинома ва корномаи илмии Хуршеда Отахонова ёдоварӣ карданд. Ҳамзамон, дар ин ёдбуд пешниҳод шуд, ки ба хотири гиромидошти номи Хуршеда Отахонова дар Душанбе кӯчае ба номаш гузошта шавад. Гуфта шуд, ки ин дархост дар наздиктарин фурсат ба шаҳрдории пойтахт ироа мегардад.



Хуршеда Отахонова яке аз муҳаққиқони барҷастаи адабиёти муосири тоҷик буд ва дар соҳаи филология аввалин ва ягона занест, ки ба мартабаи академикӣ расидааст.

ЗАБОНИ ТОҶИКӢ КАЙ БА МАСНАД МЕНИШИНАД?

Дар хиёбонҳои шаҳр қадам мезанаму ба овезаҳо нигоҳ мекунам: Прокуратура, Суд... ва ба худ меандешам, ки кай забони тоҷикӣ ба маснад менишинад ва ин ниҳодҳо номҳои тоҷикии додситониву додрасиро мегирифта бошанд?

Номи мағозаву бозор ва нуқтаҳои тиҷоративу марказҳои дилхушӣ бошад, ҳоҷати гап нест. То кай шаҳрдорро раиси шаҳр мегӯему Сарқонунро Конститутсия, чаро Фарҳангистони улум намегӯему Академияи илмҳо мегӯем? Кумитаи забон, Вазорати фарҳанг ва шуъбаҳои маънавиёти кишвар ба кучо менигаранд? Кай забони тоҷикӣ ба маснад менишинад?

С. АСАДУЛЛО,
шаҳри Бохтар

ВОКУНИШ-622

ВАЗОРАТ ОГОҲ АСТ

Куҳистони Мастчоҳ соҳиби роҳ мешавад



Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба мақолаи "Чанд мушкили як водӣ, ё Куҳистони Мастчоҳ кай соҳиби роҳи обод мешавад?", ки дар ҳафтаномаи "Тоҷикистон" ва сомонаи Pressa.tj нашр шудааст, чунин иттилоъ медиҳад:

Аз таъмирталаб будану ниёз ба таҷдид доштани роҳи мазкур Вазорати нақлиёт огоҳ аст ва бо истифода аз имконятҳои ҷойдошта барои дар ҳолати кушода нигоҳ доштани роҳҳо корҳои зиёдро ба анҷом мерасонад.

Дар робита ба таъмири роҳи болозикр гуфтанием, ки соли 2021 аз ҳисоби маблағҳои барои таъмири асосӣ пешбинишуда барқарорсозии пули воқеъ дар км 5-уми роҳи автомобилгарди Айнӣ-Куҳистони Мастчоҳ гузаронида шуда, соли ҷорӣ низ аз ҳисоби маблағҳои сохтмони асосӣ барқарорсозии роҳи автомобилгарди Айнӣ-Оббурдон дар километрҳои 22-24 ва 34-ум анҷом дода шудааст.

Ҳамзамон, маълум менамоем, ки аз ҷониби вазорат дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд мустаҳкамкунии нишебии километри 42-45-уми роҳи мазкур низ ба нақша гирифта шуда, ҳамкориҳо дар ин самт идома доранд ва дар мавриди дарёфти маблағ ичрои корҳо оғоз хоҳанд ёфт.

Ҳамасола бо истифода аз маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ аз ҷониби Муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияҳои Айнӣ ва Куҳистони Мастчоҳ ичрои корҳои таъмиру нигоҳдорӣ дар роҳи мазкур гузаронида мешавад. Дар муддати 10 моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби МДНРА-и ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ дар роҳи автомобилгарди Оббурдон-Палдорак бо дарозии 4 км, роҳи Асровуд-Ғундара бо дарозии 0,2 км ва роҳи Самҷун-Туро бо дарозии 2,0 км корҳои шағалпӯшкунонӣ ичро гардидаанд.

Ҳамкории МДНРА-и Куҳистони Мастчоҳ бо мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии ноҳия хуб ба роҳ монда шуда, ҳамасола барои таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ соҳибкорони маҳаллӣ низ ҷалб мегарданд.

Дар мақола аз ҳаракати мошинҳои гаронвазн, ки боиси вайрон гардидани пули мошингузар гардидааст, изҳори нигаронӣ карда шудааст. Дар ин иртибот кормандони Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт корро ҳамарӯза ба роҳ монда, ҳаракати мошинҳои гаронвазн таҳти назорат қарор дорад.

Лоиҳаи роҳи автомобилгарди Айнӣ-Куҳистони Мастчоҳ ба рӯйхати лоиҳаи афзалиятноки соҳа ворид карда шудааст, ки мавриди диққати роҳбарияти вазорат барои дарёфти манбаи сармоягузорӣ қарор дорад.

Азим ИБРОҲИМ,
вазири нақлиёти ҶТ

КАШФИ ДУ МАЪДАНИ НАВ ДАР ТОҶИКИСТОН


Дар яке аз мавзеъҳои ҷолиб ва дилрабои Дараи Пиёз воқеъ дар ноҳияи Рашт маъдани нав бо формулаи CsLiMq(SiuO) F кашф карда шуд. Мутобиқ ба мавзеи кашфгардида, маъдани мазкурро "гармит" номгузорӣ намуданд.

Лозим ба ёдоварист, ки Дараи Пиёз шохаи чапи рӯдхонаи Ярх асту бахши қобили таваҷҷуҳе аз он тавассути яхҳои табиии пӯшидашуда мушоҳида мешавад ва заминшиносии мавзеъро бисёр печида нигаҳ медорад. Тартиби кимиёвии "гармит" бар рӯйи як кӯтоҳташхиси озмоишӣ дар Осорхонаи маъданшиносии Академияи илмҳои Русия ба номи А. Е. Ферсман мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ба наздикӣ бошад, дар мавзеи Помири Шарқӣ дар самти рости рӯдхонаи Кукурт як кристолли бузурги бадшакл аз навъи бронерит (UTi206) пайдо шуд. Ду шароит боис ба нигоштани ин ёддошт аз ҷониби олимони маъданшинос гардидааст:

Онҳо натавонистаанд тавсифе аз броннерити аз Помири Шарқӣ дарёфтгардидаро дар матнҳо ва мероси хаттии ин мавзеи Куҳистон мавҷудбуда дарёбанд ва шояд ин аввалин кашфи ҳақиқӣ буд, ки аз дидгоҳи таҳлил дар минтақа дастрас шудааст. Дувумин, алорағми ин воқеият аст, ки броннерит як моддаи маъдании бисёр камёфт дар назар гирифта намешавад ва дар баъзе мавзеъҳои захоири уран аз зумраи маъданҳои маъмулӣ ва муҳим шинохта мешавад.

Машраби АБДУЛЛОҲ



ФАРҲАНГСОЛОР

Ёде аз Арбоби давлатӣ Холмурод Шарифов

Санаи 21-уми декабри соли равон дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бахшида ба 95-солагии адиб ва Арбоби намоёни давлатӣ Холмурод Шарифов ҳамоиши илмиву адабӣ баргузор мегардад. Ба пешвози ин чорабинӣ "Тоҷикистон" аз корномаи ин фарҳангсолори номвар баъзе қайдҳоро пешкаши шумо мекунад.

ЗИНДАГИНОМАИ ХОЛМУРОД ШАРИФОВ

Холмурод Шарипов - ходими давлатӣ ва ҷамъиятӣ, олим ва нависандаи тоҷик. Узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон. 12-уми феврали соли 1927 дар деҳаи Кулолии ҷамоати деҳоти Рӯдакии шаҳри Панҷакент таваллуд ёфтааст. Дар хурдсолияш хонадонашон ба водии Вахш кӯч бастааст. Фаъолияти меҳнатиашро аз 15-солагӣ дар ноҳияи Октябри вилояти Қӯрғонтеппа (ҳозира Бохтари вилояти Хатлон) сар карда, то соли 1946 ба сифати узви колхоз фаъолият доштааст. Солҳои 1946-1955 дар созмонҳои комсомолии водиҳои Вахшу Ҳисору Қаротегин адои вазифа карда, сипас корманди мақомоти давлатӣ, ҳамзамон сардори ситоди сохтмони Канали Марғедар (дар Панҷакент) будааст. Солҳои 1960-1963 дар Академияи илмҳои ҷамъиятии КМ КПСС (Маскав) таҳсил карда, ба гирифтани унвони илмии номзади илмҳои фалсафа ноил гардидааст.

Ӯ ҳамчунин муддате ҷонишини мудири шуъбаи идеологияи КМ ҲК Тоҷикистон, муовини аввали вазири маданият ва солҳои 1968-1979 мудири шуъбаи маданияти КМ ҲКТ, раиси Кумитаи табъу нашри Тоҷикистон, солҳои 1990-1996 раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҷумҳурӣ, солҳои зиёд узви Кумитаи шӯравии ҳамдилии мамолики Осиёву Африқо, узви КМ ҲКТ, депутати Совети Олии ҶШС Тоҷикистон (даъватҳои 8-11) будааст.

Солҳои 1990-2002 раисии Кумитаи Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба адабиёт, санъат ва меъморию бар уҳда дошт. Холмурод Шарипов 26-уми декабри соли 2017 аз олам чашм пӯшид.

Осори илмии мавсуф дар китобҳои «Меҳнати ҷамъиятӣ ва инкишофи шахсият» (1962), «Техника. Труд. Человек» (дар китоби «Труд как фактор развития личности»; Москва, 1963), «Ташаккули одами нав» (1965), «Социалистическая культура таджикского народа» (1974), «Омилҳои педагогӣ ва психологии кори ҳизбӣ-сиёсӣ» (1971) ва ғайра ба табъ расидаанд. Хусусан асари «Бунёди маънавии одами нав» (1977, 1984) аз тарафи ҳамагон хуш пазируфта шудааст. Бисёр навиштаҳои публитсистии ӯ дар матбуоти Тоҷикистон ва хориҷӣ чоп шудаанд.

Солҳои охир Х. Шарифов чун нависанда, публитсист, санъатшинос ва хотиранигор шуғл меварзид. Асарҳои ӯ «Гард дар мижгон» (1972), «Нақши хотир» (1988), «Зов памяти» (1989), «Рози дил» (1991), «Оламафрӯзон» (1992), «Сарнавишт» (1994), «Алтернатуф» (2001), «Ахтарони фарҳанг» (2002), «Меҳрнома» (2004), «Ҷаҳони Марям Исоева» (2011), «На звездном празднике столетья» (2014) ва ғайра дар инкишофи жанри очерку портрету ҳикоя, хусусан сафарномаву ёддоштнависӣ дар адабиёти тоҷик саҳм гузоштаанд.

Эмомалӣ РАҲМОН,
Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

"Муҳтарам Холмурод Шарифович!

... Маҳз бо кӯшиш ва талошу заҳматҳои шумо барин шахсони фидоӣ тӯқайзорҳои водии Вахш ба гулзор, талу теппаҳои водии куҳсори Қаротегин ба боғзор ва даштҳои Панҷакенти бостонӣ ба макони меваҳои шаҳдбор табдил ёфтанд. Ҳар чое, дар кадом вазифае зиндагӣ ва кор карда бошед, шиоратон накӯномӣ будааст.

Тавре ки халқ мегӯяд, меҳнат рӯйи сурху сари баланд меовард. Обрӯву эҳтиромро шумо маҳз аз меҳнат ёфтед. Вазифаҳои масъули ҳизбиву давлатиро бо камоли маҳорат ва масъулият ба ҷо овардед. Шумо аз ҷумлаи он шахсони мушкилписандед, ки дарду шодии халқро дарду шодии худ медонед. Ҳатто пас аз меҳнати софдилонаву ҳалол ва ба нафақа баромадан ҳам худро аз кори ҷамъият дар канор нагирифтед. Вазифаи басо масъул - раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба зимма доштед. Парлумони ҷумҳурӣ, вакилони халқ аз таҷрибаи бою дониши шумо фаровон истифода мебаранд. Шумо вазифаи раиси Кумита оид ба Ҷоизаҳои давлатии ба номи Рӯдакиро дар соҳаи адабиёт, санъат ва меъморӣ ба уҳда доштед.

Нақши бевоситаи шумо дар тарбияи кадрҳои соҳаи фарҳанги Тоҷикистон, бахусус, адибону ҳунармандон, ноширону муҳаррирон бузург аст. Театри ҷавонони ба номи Маҳмуд Воҳидов, Сирки давлатӣ, Донишкадаи санъати ҷумҳурӣ, нашриёти "Адиб" ва иттиҳодияи "Матбуот" бо саъю талошҳои бевоситаи шумо арзи вуҷуд кардаанд. Хидмати шумо дар эҳёи суннатҳои халқ, мисли иди Наврӯз, нашри китоб бо алифбои ниёгон ва ғайра назаррас аст".

Муъмин ҚАНОАТ,
Шоири халқии Тоҷикистон:

"Холмурод Шарифовро ба ҳайси риҷоли сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангӣ солиёни дароз мешиносам. Борҳо масъалаҳои муҳими адабиро ба хубтарин шева ҳал намудаем. Дар ҳамсоягӣ, яъне дар "Боғи ятим" маҷлисҳои унс ва суҳбатҳои самимӣ гузаронидаем ва нашъаи он суҳбатҳо то кунун боқист".

Сотим УЛУҒЗОДА,
Нависандаи халқии Тоҷикистон:

"Ман ду асари Холмурод Шарифов "Гард дар мижгон" ва "Зов памяти"-ро (ба русӣ) мутолиа карда, ба чунин хулоса омадам, ки муаллиф, бешак, қобилияти эҷоди асарҳои бадеиро дорост. Ҳикояҳои ӯ "Рассказы о нравах» бо навигарии майлу мавзуъҳо, бо диди хоси бадеӣ ва баёни дилангези худ қобили таваҷҷуҳанд ва дар адабиёти тоҷик сухани нав мебошанд. Очеркҳояш аз ошноӣ ва муошрати ӯ бо шахсони номдор, шоирон, нависандагони маъруфу машҳур шавқовар, муассир ва мушоҳидакорона мебошанд".

Аълохон АФСАҲЗОД,
профессор:

"... Ду бор Ҳошим Гадоев ба унвон ва мукофотҳои баланд пешниҳод шуд. Як бор ба унвони Артисти халқии РСС Тоҷикистон ва бори дигар ба дарёфти Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи Рӯдакӣ оид ба адабиёту ҳунар. Аммо роҳбарияти ҳамонвақтаи театру "Тоҷикфилм" бо иғвои бадхоҳони ӯ бо ҳар баҳона ҳуҷҷатҳои ӯро нигоҳ медоштанд. Ин ҷо танҳо нотавонбинӣ буд. Бо хоҳиши Ҳошим Гадоев ман ба Холмурод Шарифов муроҷиат намуда, масъаларо фаҳмондам. Мамониатҳо аз сари роҳи Ҳошим Гадоев гирифта, комёб шуд ва тантанаи ҳақиқатро ҳамагон диданд. Ҳамин навъ мисолро дар ҳақи шодравон Ғаффор Валаматзода, Ҷӯрабек Муродов, Давлатманд Холов, равоншодони зиндаёд Одина Ҳошим, Маҳмудҷон Воҳидов, Малика Собирова ва дигарон низ метавон гуфт, ки борҳо бо саъйи Холмурод Шарифов туҳмату буҳтонҳо аз зиммаи онҳо бардошта шудааст. Ё як мисоли дигар: Боре дар рӯзномаи ҳизбии "Тоҷикистони Советӣ" Лоиқ, Бозор Собир, Қутбӣ Киром, Убайд Раҷаб ва ҷавонэҷодкорони соҳибистеъдоди дигари он солҳо ба декадентӣ, яъне шаклпарастӣ айбдор карда шуданд. Аммо касе аз онон ҷавоб намегуфт. Расо баъди як моҳи чопи он мақолаи буҳтонангез ман ба идораҳои расмӣ, ба шуъбаи маданияти КМ ҲКТ, ки мудираш Холмурод Шарифов буд, ба раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода ва масъулони дигар муроҷиат кардам. Дар асоси мактуби камина масъала амиқ санҷида шуд ва айб аз зиммаи он ҷавонони эҷодкор бардошта шуд. Дафъаи дигар ба КМ ҲК Тоҷикистон хабар расониданд, ки повести Сорбон "Шинел" ва повести Куҳзод "Писандара" асарҳои зиддисоветӣ мебошанд. Барои муайян намудани арзиши аслии бадеии ин асарҳо КМ ҲК Тоҷикистон он асарҳоро барои тақриз ба ман доданд. Хонда баромадам. Аз он даъвоҳо дар он асарҳо чизе набуд. Албатта, айб дар гиребони ин ду нависандаи соҳибистеъдод начаспид. Дар нигоҳ доштани Сотим Улуғзода аз таъқибҳо баъди ба Англия паноҳ бурдани писари ӯ нақши Холмурод Шарифов бисёр калон аст. Маҳз ӯ буд, ки нагузошт бадхоҳони Сотим Улуғзода номи ӯро аз адабиёт, санъат, театр ва ҳунари кинои тоҷик бардоранд...".

Муҳаммад ОСИМӢ,
академик:

"Рисолаи Холмурод Шарифов "Бунёди маънавии одами нав" бо таҳлил ва тадқиқи масъалаҳои муҳими иҷтимоию сиёсӣ - тарбияи эстетикии меҳнаткашон, парваридани сифатҳои наҷиби одами нав, бунёди маънавии муосирони мо ва махсусан роли адабиёт ва санъат ба ҳалли ин масъала бахшида шудааст. Як хусусияти ин асар дар ҳамин аст, ки муаллиф фикру андешаҳои назариявиро бо таҷрибаи таърихии адабиёт ва санъати халқи тоҷик мустаҳкам мекунад ва аз он далелу бурҳон меоварад...".

Меҳмон БАХТӢ,
Нависандаи халқии Тоҷикистон:

"Ба сафи адибони касбӣ Холмурод Шарифов дертар ворид шуда бошанд ҳам, дар як муддати кӯтоҳ бо асарҳои бадеӣ, ёддоштнависиҳои ҷолиб тавонистанд ба дили ихлосмандони ин сабки эҷод роҳ ёбанд...".

Низорамоҳ ЗАРИФОВА,
Ибодат РАҲИМОВА,
арбобони намоёни давлатӣ ва сиёсӣ:

"Агар сухан дар ҳақи Холмурод Шарифов равад, мо фақат беҳтарин суханҳоро гуфта метавонем, зеро ки асосан фаъолияти кориву умри бошууронааш дар пеши назари моён гузаштааст. Ӯ сабқати сахтгирии мактаби ҳаётро дар водиҳои Вахш, Зарафшон, Ҳисор, Қаротегин гузашта, соҳиби таҷрибаи бой гаштааст. Вақте ки дар дастгоҳи КМ ҲК ба ҳайси лектор, ҷонишини мудири шуъбаи идеологӣ ва мудири шуъбаи маданият фаъолият мекард, бемуҳобот дониши баланду қобилияти кордонӣ ва маҳорати ташкилотчигӣ нишон медод. Ӯ ҳамчун узви кумитаи марказии ҳизб ва раиси кумитаи Шӯрои Олии Тоҷикистон ташаббускор буда, дар ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ тамоми ғайрату кӯшишро сарф мекард. Илова ба кордонию ташаббускор буданаш Холмурод Шарифов бо сифатҳои беҳтарини инсонӣ - ростқавлӣ, садоқат ба дӯстиву рафоқат, эҳтиром ба инсон, ғамхорӣ ба мардум, ҳамкорон, хоксорӣ ва меҳнатдӯстии хоса соҳиби эҳтироми баланд гаштааст...".

Бо сиёсати маънавибунёду маънавигарои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистони соҳибистиқлол пояҳои ҳастии худро устувор намуда, ба сӯйи ободиву шукуфоӣ раҳ мепаймояд.



ЭЙ ФАРОМӮШӢ, КУҶОЙ, ТО БА ФАРЁДАМ РАСӢ!?

чаро талаботи КОА риоя намешавад?

Дар радифи садҳову ҳазорҳо ибтикороти хушоянди Сарвари давлат соли 2017-ум бо мақсади бардоштани ҳама мушкиливу монеаҳои сунъӣ аз роҳи тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳибунвон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА) таъсис ёфт. Дар дарозои чанд соли мавҷудияти ин ниҳоди олии илмӣ садҳо нафар соҳиби унвону дараҷаҳои илмӣ шуданд.

Банда низ зери ҳамин сиёсати фардоофар аз донишҷӯйи қаторӣ то минбари баланди ҳимояи рисолаи докторӣ расидам. Аз ин хотир, аз Сарвари давлат ва ҳамаи онҳое, ки дар ин роҳи душвору пурифтихор дастам гирифта, по ба по то минбари ҳимоя расониданд, сипосгузорам.

Мирзо Бедил дар яке аз ғазалиёти худ мегӯяд:

Ҳама маҷбури ҳукми тақдирем,
Карду нокард ихтиёрӣ нест.

Бо вуҷуди ин, гоҳо дониставу надониста бо як иштибоҳи худ зомини тақдири инсонҳо, махсусан навроҳони илм мегардем. Камина низ баъди дифои рисолаи докторӣ бо чунин амал рӯ ба рӯ шудам. Баъди супоридани ҳуҷҷатҳо ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардид, ки дар чараёни ҳимоя Низомномаи амалкунанда риоя нашудааст. Ба унвони банда бо имзои раиси ин ниҳоди олӣ профессор А. Розиқзода мактубе расид, ки дар он аз чумла омадааст: «... тибқи сархати 2 банди 78 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267) узви шӯрои экспертӣ наметавонад ба ҳайси эксперти муассисаи пешбар баромад кунад. Мутаассифона, дар раванди ҳимояи диссертатсияи шумо ин муқаррарот сарфи назар гардида, ба ҳайси эксперти муассисаи пешбар узви шӯрои экспертии самти илмҳои забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, рӯзноманигорӣ ва тарҷумонӣ баромад намудааст, ки қобили қабул нест... Бинобар ин, бо қарори Раёсати Комиссия аз 24-уми ноябри соли 2022, №9 додани дараҷаи илмӣ ба шумо рад карда шуд».

Ҳарчанд хабари нохушоянд аст, бо таҳаммул қабул доштам, зеро то ба минбари ҳимояи рисолаи докторӣ расидан чандин бор афтода, ба таъбири устод Лоиқ, сахтҷон шудаам...

Аслан, банда даъвогари дараҷаи илмии доктори илм нестам, зеро медонам, ки бузургтарин суханшиносони садаи XX мисли Шарифҷон Ҳусейнзода, Носирҷон Маъсумӣ, Абдуқодир Маниёзов (равонашон шод бод!) номзади илм буданд. Устодони донишгоҳиям маслиҳат доданд, ки нерӯи зеҳнии навиштани рисолаи докториро дорам ва махсусан ки дар Тоҷикистон КОА таъсис ёфтааст, бояд ин корро анҷом диҳам. Бо раҳнамоии устодон, хосатан мушовири илмиям профессор А. Ҳасанзода, соли 2008-ум ба таҳқиқи мавзуи калимасозии назми Бедил оғоз намудем ва аввалин мақолаи худро ҳамон сол нашр кардем. Он солҳо ҳар ду дар "Маркази пажуҳиши тамаддуни даврони Сомониён" фаъолият доштем. Баъди нашри муҷаллади якуми асари ҷомеи «Донишномаи Сомониён» банда мудири шуъбаи илми донишгоҳ таъйин гардидам (соли 2008-ум) ва тасдиқи мавзуи докторӣ ва таълифи он ба таъхир афтод. Соли 2012-ум ба докторантураи донишгоҳ дохил шуда, мавзуи рисоларо тасдиқ намудем («Хусусиятҳои сохториву маъноии калимаҳои мураккаб дар назми Бедил» (дар мисоли калимаҳои мураккаби навъи татпуруша)), вале бо фармоиши ректори донишгоҳ (раванд Ғ. Усмонов) соли 2013-ум аз докторантура бозхонд ва декани факултети филологияи тоҷик таъйин шудем. Ҷамъбасти рисолаи докторӣ боз ба таъхир афтод. Соли 2017-ум баъди як навбат ичро намудани вазифаи декани факултет барои ҷамъбасти рисолаи докторӣ машғул шудем ва соли 2019-ум рисоларо ба итмом расонида, дар маҷлиси васеи кафедраи забони тоҷикӣ муҳокима намудем. Рисола баъди муҳокима барои ҳимоя дар Шӯрои дифои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия шуд. Бо дастгирии мутахассисони донишгоҳи мазкур санаи 17-уми январи соли 2020-ум рисола дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи забон ва типология аз муҳокимаи аввал гузашт. Бадбахтона, бемории "КОВИД-19" оғоз гардиду ҳимояро боз ба таъхир мононд: шӯроҳои дифоъ муваққатан фаъолиятро қатъ намуданд...

Афсӯс, ки дар ин давра чанд нафар аз докторони илм аз рӯйи ихтисоси забоншиносӣ, аз чумла узви вобастаи АМИТ, профессор М. Қосимова, муҳаққиқони нуктасанҷ, профессорон Б. Камолиддинов, С. Сабзаев, Ш. Исмоилов ва чанде қабл профессор Ҳ. Мачидов моро тарк карданд (равонашон шод бод!).



Абдулҳаким Розиқзода



Мӯсо Олимҷонов

Хушбахтона, баъди ба эътидол омадани вазъият шӯроҳои дифоъ ба фаъолият оғоз намуданду банда дар Шӯрои дифои 6 D КОА - 021-и назди ДМТ моҳи июли соли ҷорӣ рисоларо дифоъ намудам...

Баъди дастрас намудани мактуби КОА таваҷҷуҳи маро ду нукта ба худ машғул медорад: 1) муассисаи пешбарро Шӯрои дифоъ муқаррар менамояд, пас, чаро масъулини Шӯрои дифоъ намедонанд, ки ба сифати аъзои экспертии КОА киҳо пазируфта шудаанд; 2) чаро барҳе аз экспертҳои КОА ҳуқуқу уҳдадориҳои худро намедонанд ва агар донанд, Низомномаро риоя намекунанд?! Дар натичаи ба иштибоҳ роҳ додани онҳо довталаби дараҷаи илмӣ «қурбон мешавад»! Камина яқин медонам, ки банда аввалин довталабе нестам, ки бо ин мушкилӣ рӯ ба рӯ шудаам. Аз ман пештар чандин нафар бо ин «гуноҳ» рисолаи худро дубора ба дифоъ расонида ва илмӣ-оммавӣ гардидем. Ду монография («Хусусиятҳои луғавию услубии насри таърихӣ» (дар асоси эҷодиёти Сотим Улуғзода, 2011); («Хусусиятҳои сохториву маъноии калимаҳои мураккаб дар назми Бедил» (дар мисоли калимаҳои мураккаби навъи татпуруша, 2022), се маҷмуаи мақолот («Меросбари Оли Сомон», 1999); «Сухан аз гавҳариёни сухан», 2017); «Сайри лафзу маънӣ», 2021), ду дастури таълим («Забони тоҷикӣ», 2004); «Қутбнамоёни илми забоншиносӣ», 2011) нашр намудем.

Ба сифати рисолаи докторӣ бо маслиҳату раҳнамоиҳои мушовири илмӣ мавзуеро интихоб намудем, ки то ба имрӯз ба таҳқиқ нарасида буд. Ин аст, ки асолати диссертатсияро антиплагиати КОА 87,58 фоиз (автореферат 94,83%) бароварда. Сарафроз аз онам, ки рӯзи дифоъ аъзои бонуфузи Шӯрои дифои 6D КОА - 021-и назди ДМТ, ки ҳама доктори илм аз рӯйи ихтисосанд, муқарризони расмиву ғайрирасмӣ, ки се нафари онҳо узви вобастаи АМИТ-анд, се нафар аз хориҷи кишвар, махсусан эроншиноси номӣ профессор М. А. Молчанова бо баромаду такризҳои худ ба кори шогирдонаи мо баҳои баланд доданд. Мадюни эҳтиром ихлоси онҳоям. Сипоси фаровон ба ҳамаи онҳо.

Сипосгузору сарфароз аз сиёсати маънавибунёди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки имкони кори илмӣ намудану барои дифоъ манзур карданро фароҳам овардааст. Ҳамин сиёсати ояндасоз буд, ки дар кори ҳимояи мо ректори МДТ-и "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" профессор А. Усмонзода дастгирамон буданд. Аз чумла, нашри автореферат ва монография аз ҳисоби донишгоҳ сурат гирифт, харҷи сафари ҳимоя ба Душанбе пардохт шуд. Мадюни ин мехрубониҳоям ва барои ташвиқи ин сиёсати фардонамо ва маънавиятсози Ҷаноби Олӣ кӯшиш менамоям.

Дар охир ба ҳамаи раҳравони ҷодаи илм, ки дар шӯроҳои дифои назди КОА-и Тоҷикистон рисола дифоъ менамоянд, роҳи сафед хоҳонам! Барои экспертҳои КОА гуфтаниям, ки вақти имзо эҳтиёткор бошанд, зеро бо як иштибоҳи онҳо тақдири имрӯзу ояндаи як навроҳи илм ҳал хоҳад шуд. Итминони комил дорам, ки баъди нашри ин чанд сатри парешон иштибоҳи мазкур рух нахоҳад дод ва банда охирин довталабе хоҳам буд, ки ба ин иштибоҳ мувоҷеҳ шудам.

Барои таҳаммули вазъ аз ашъори Абулмаонӣ мадад мечӯям:

Эй фаромӯшӣ, куҷоӣ, то
ба фарёдам расӣ?
Боз аҳволи дили ғампарварам
омад ба ёд.

Мӯсо ОЛИМҶОНОВ,
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, мудири кафедраи
забони тоҷикии МДТ-и «ДДХ
ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров»

Бахтиёри Қутбиддин:

МАТБУОТ ҲЕҶ ГОҲ АЗ БАЙН НАМЕРАВАД

Имсол аз таъсисёбии нахустин факултети рӯзноманигорӣ дар кишвар - факултети журналистикаи ДМТ 30 сол пур мешавад. Дар тӯли 30 сол ин боргоҳ ҳазорон нафар кадрҳои рӯзноманигорӣ тарбият намудааст, ки имрӯзҳо дар ВАО-и кишвар фаъолият доранд. Ба ин муносибат суҳбате доштем бо декани факултети журналистикаи ДМТ, доктори илмҳои филологӣ Бахтиёри Қутбиддин.



30 СОЛИ ФАКУЛТЕТ

- Имсол аз таъсиси факултети журналистикаи ДМТ 30 сол пур мешавад. Ин санаро чӣ гуна тавсиф мекунед?

- Албатта, дар доираи маҳдуд ва хурде аз ҷониби ҳама устодон талош карда мешавад, ки бо баҳонаи 30-солагии факултет баъзе нақшаву корҳо амалӣ анҷом дода шаванд. Чӣ омодагӣ дорем? Ин ягон ҷашни васеъ нест ва танҳо як эҳсоси рамзӣ ва эҳтиром барои онҳоест, ки замоне аз ин ошён боли парвоз кушодаанд. Гузаронидани як мизи мудаввар доир ба таҳсилоти журналистӣ дар назар аст. Омодагиҳои аслии мо корҳои эҷодӣ мебошанд. Аз нав нашр кардани таърихи фишурдаи кафедраҳо, баъзе таъмиру тармимҳо ва ба ифтихори ин солгард ба факултет даъват намудани баъзе устодони соҳаву хатмкардаҳои факултет низ дар назар аст.

- Оморе вуҷуд дорад, ки то имрӯз факултет чӣ қадар кадри журналистӣ омода кардааст?

- Ҳудуди 5000 нафар.

- Факултети журналистика дар заминае таъсис ёфт, ки адабиёти илмӣ ва дастурамалҳои таълимӣ дар кишвар мавҷуд набуд ва дар оғоз аз қолабҳои боқимондаи шӯравӣ истифода мешуд. Ҳоло факултет то чӣ андоза бо дастурамалҳои соҳавӣ таъмин аст?

- Дуруст аст, ки дар оғози солҳои навадум ҳама чиз аз нав коркард мешуд. Заминаи он дар доираи кам ҳам бошад, ба назар мерасид. Ягона китоб, ки аксар самтҳоро фаро мегирифт, "Журналистикаи советии тоҷик" (соли 1989) буд. Имрӯз бошад, факултет аллакай собиқадор аст ва теъдоди адабиёту дастурамалҳо ва барномаву нақшаҳои таҳвимӣ садҳо ададро ташкил медиҳанд.

МАТБУОТ АЗ БАЙН МЕРАВАД?

- Журналистикаи имрӯзаи тоҷикро чӣ гуна арзёбӣ менамоед? Оё талаботи имрӯзаи ҷомеаро қонеъ сохта метавонад?

- Дар замони шӯравӣ як қолабу шакл (ВАО-и ҳизбӣ) вуҷуд дошт. Теъдоди расонаҳо низ кам буданд. Имрӯз интихоб барои аудитория ниҳоят васеъ аст ва шумораи журналистону расонаҳо зиёд гардиданд. Дар ҳама давру замон журналистика дар қолабу шаклҳои гуногун вазифаи худро, ки инъикосу ташхиси набзи замон аст, ичро менамояд. Журналистикаи замони истиқлол рисолатҳои бузургеро ба анҷом расонд, ки мехвари аслии онро тарғибу таҳкими вахдату ҳамгироӣ ташкил медиҳад.

- Имрӯз омма мафҳуми "озодии баён"-ро ҳар гуна қабул мекунанд. Аслан, "озодии баён" чист?

- Озодии баён мафҳуми нисбӣ аст. Ҳарчанд дар кишварҳои зиёди ҷаҳон сензура нест ва озодии баёнро таъмин кардан хоҳанд ҳам, ҳеҷ гоҳ озодии мутлақ ба миён намеояд. Ҳар як расона ҳатман ҳамбастагиву тобеият ба чизеву касе дорад, ки самти фаъолияташро ин "чизеву касе" (сармоя, соҳа, муассис ва ғайра) муайян менамояд. Ҳамин ҷиҳат аллакай масъалаи озодии баёнро лағв месозад. Мафҳуми озодии баён хеле печидаву мураккаб низ ҳаст. Ин озодӣ маънои таҳқиру ба иззати нафси касе расиданро надорад. Ҳама чизро дар ҷомеаи демократӣ гуфтан мумкин аст, агар он дар доираи қонун бошад. Ҳама чизро баён кардан мумкин аст, агар он манфиати иҷтимоӣ дошта бошад. Озодии баёнро муқобили манфиати иҷтимоӣ истифода кардан бошад, бадтарин хиёнат аст. Омилҳои таҳдидкунанда ба ин озодӣ сензура ва худсензура мебошад. Манфиатҳои фардӣ низ ба ин озодӣ таҳдид карда, журналистикаи бардагиро ба вуҷуд меорад.

- Бархе бар онанд, ки дар оянда наздик матбуот аз байн хоҳад рафт ва ҷои онро интернет мегирад. Шумо доир ба ин чӣ гуфтан мехоҳед?

- Матбуот ҳеҷ гоҳ аз байн намеравад. Шояд шакли он дигар шавад ва эҳтимолан шакли классикии нашр (қоғаз) маҳдуд гардад. Он чизе, ки дар саҳифаҳои матбуот имрӯзу дирӯз вуҷуд дошт, фардо низ боқӣ мемонад. Интернет ҳамчун дастоварди охири инсоният ҳеҷ гоҳ инкор намешавад. Унсурҳои журналистие, ки дар он имрӯз мушоҳида мешаванд, бештар журналистикаи носуфтаи хиёбонӣ аст, ки касе масъули он нест. Матбуот муваззаф аст, ки ҳамеша каломи намунаву ибратбахшу судмандро пешниҳоди ҷомеа намояд. Матбуот бо пешрафти замон ҳамқадами он мешавад ва худро ба равиши замона мутобиқу мувофиқ месозад. Дуруст аст, ки имрӯз ҷомеа мутеъ ва шефтаи маълумоту иттилоот гардидааст. Аммо як рисолати бузурги матбуот, ки хосияти маънавӣ доштани он аст, ҳамеша барои аҳли башар мондагор мебошад. Ахбори сарозери муътамаду номуътамади интернетӣ рӯзе ин ҷомеаро хаста менамояд ва ҳатман ҷомеаи башарӣ барои пешрафту таҳаввулоти маънавӣ ба матолиби матбуот такя менамояд.

- Саҳми журналистонро дар ҷомеа чӣ гуна арзёбӣ менамоед?

- Ҷомеаро журналистика нерӯ мебахшад. Имрӯз журналистони мо дар ин роҳ аз равзанаҳои гуногун таъсиргузорӣ намудан мехоҳанд. Гумон мекунам, ки ҷомеа низ бояд бо назардошти манфиатҳои милливу иҷтимоӣ инкишоф ёбад.

ИСТЕЪДОД ДАР ҶОЙИ АВВАЛ

- Устод Воҳид Асрорӣ гуфта будаанд, ки "журналистика барои духтарон нест!", вале имрӯз ба назар мерасад, ки наздик ба 60 - 65 дарсади донишҷӯёни факултет духтарон ҳастанд. Шумо ба ин гуфтаҳо аз нигоҳи имрӯза чӣ назар доред?

- Аз забони устод Воҳид Асрорӣ ин андешаҳоро мешунидем. Дар ҳақиқат барои бонувон журналистика андаке душвориҳо дорад ва дар вобастагӣ ба расму таоруфи миллии мо барои бонувон баъзе ҷузъиёту монеаҳоро истисно намедонем. Ҷои бадӣ надорад, агар имрӯз дар журналистика бонувон бештар бошанд.

- Барои донишҷӯе, ки дар ҳақиқат журналист шудан мехоҳад, чӣ лозим аст? Яъне, бояд чӣ кор кунад?

- Барои журналист шудан чӣ лозим аст? Дар навбати аввал то як андоза журналистика истеъдоду ҳунар аст ва агар дар замири фард оташаке аз ин ду набошад, журналист шудан хеле мушкил аст. Мухбир шудан мумкин аст, аммо мухбир аз журналисти соҳибзавқи ҳамабин дар фосила қарор дорад. Ба ҳар сурат, ҷавоне, ки ба ВАО робитаи зич дорад ва аз мутолиаи пайваста дур нест, аз олами журналистика бебаҳра наметавонад. Ҷавоне, ки китоби бадеӣ намехонад ва аз набзи иҷтимоӣ дар доираи маводи васоити ахбор огаҳ намебошад, ҳеҷ гоҳ журналист шуда наметавонад.

Мусоҳиб:
Идибеки САИД

ТАЪРИХИ ФАКУЛТЕТИ ЖУРНАЛИСТИКА


Факултети журналистика зодаи истиқлолияти Тоҷикистон аст. Соли 1992 дар асоси қарори Шӯрои олимони ДМТ дар заминаи шуъбаи журналистика ва гуруҳи ихтисоси тарҷумонии факултети филологияи тоҷик факултети журналистика ва тарҷумонӣ ташкил шуд.



Солеҳ Раҷабов



Воҳид Асрорӣ



Мукаррама Қосимова



Иброҳим Усмонов


Аммо заминаҳои он ҳанӯз солҳои 60-уми асри 20 бо ташкили шуъбаи журналистика гузошта шуда буд. Соли 1966 бо ташаббуси ректори донишгоҳ Солеҳ Ашӯрхоҷаевич Раҷабов ва Мукаррама Набиевна Қосимова шуъбаи журналистика ташкил шуд. Дар бунёд ва рушди факултети журналистика заҳмати нахустдекани он, профессор И. Усмонов хеле зиёд аст. Ҳамчунин, аҳли факултет хотираву заҳмати устодони човидном Воҳид Асрорӣ, Хоҷабек Зулфиқоров, Давлатбек Давроновро, ки то рӯзҳои охири умр аз таълиму тарбияи шогирдон дур нашуданд, ёд доранд.

Соли 1971 бинобар мутобиқат накардан ба фехристи ихтисосҳои иҷозатдодаи Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси ИҶШС шуъба баста шуд. Сипас, соли 1987 бо таъсири насими бозсозӣ шуъбаи журналистика аз нав ташкил шуд, ки асоси факултет гардид. Факултети журналистика манбаи асосии тайёр кардани кадрҳо барои ВАО аст. Имрӯз аксари роҳбарону кормандони эҷодии ВАО-и кишвар дастпарварони ин боргоҳанд.

Имрӯз факултет дорои панч кафедра аст: матбуот, телевизион ва радиошунавонӣ, журналистикаи байналхалқӣ, услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ, забонҳои хориҷӣ. Дар факултет 52 нафар устодон (аз ҷумла 9 нафар докторони илм, профессорон, 27 нафар номзади илм, дотсентон, 7 нафар муаллими калон, 10 нафар ассистентон) фаъолият мекунанд. Ҳоло факултет аз рӯйи 6 ихтисос: ихтисосҳои журналистика, журналистикаи байналхалқӣ, умури нашриёт (корманди адабӣ), иттилоот ва робита, журналист-тарҷумон, WEB-рӯзноманигорӣ мутахассисонро тайёр мекунад. Соли 2014 дар ихтисоси журналистика гуруҳи русӣ ташкил карда шуд, ки ихтисосмандонро бо забони русӣ омода мекунад.

АВВАЛИН БОНУИ БАДАНСОЗИ ТОҶИК

Ясмин Ан-Намр кист?



Варзишгари тоҷик Ясмин Ан-Нимр барандаи чемпионати 13-уми ҷаҳон дар риштаи бадансозӣ - WBPF дар Тайланд шуд.

Ӯ дар мусобиқаи инфиродӣ баромад карда, миёни варзишгарон беҳтарин дониста шуд. Ясмин аввалин ва ягона бону аз Тоҷикистон аст, ки дар ин навъи варзиш шуҳрат пайдо кардааст.

ДАСТГИРӢ АЗ ТОҶИКИСТОН

Дар Тоҷикистон ба бодибилдинг ё бадансозӣ - риштаи варзише, ки Ясмин машғул аст, назарҳо мухталиф мебошанд. Чемпионати бадансозӣ феълан яке аз тамошобобтаринҳо дар ҷаҳон арзёбӣ мешавад, ки дар он шахс тамоми зебоии ҷисм, ҳаҷм ва сифати мушакҳои худро нишон медиҳад. Ясмин Ан-Нимр дар ин риштаи беҳтарин варзишгари Тоҷикистон дониста мешавад.

Ба гуфтаи бонуи бадансоз, ҳамватанон аз пирӯзиҳояш меболанд ва ин ӯро руҳбаланд мекунад.

"Баъд аз чемпионати Осиё ва ҳоло пас аз чемпионати ҷаҳон бисёр менависанду маро табрик мекунанд. Ташаккур ба ҳама! Ба мусобиқаи кунунӣ хуб омодагӣ дида будам",-мегӯяд варзишгар.

ТОҶИКАРАБ ЯСМИН

Бисёриҳо аз Тоҷикистон будани Ясминро бовар надоранд. Лек Ясмин тоҷик аст. Падари ӯ араб ва модараш тоҷик мебошанд. То хатм кардани мактаб Ясмин дар шаҳри Маскав зиндагӣ мекард ва ба Тоҷикистон наомада буд.

"Ман давраи кӯдакӣ ва мактабро дар Маскав гузаронидаам. Пас аз хатми мактаб ман ба Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси робитаҳои байналмилалӣ дохил шудам ва ба Тоҷикистон омадам. Яъне ман қариб 25 сол мешавад, ки дар Душанбе ҳастам",- гуфт Ясмин.

Ясмин бо чаҳор забон: тоҷикӣ, русӣ, арабӣ ва англисӣ озод гап зада метавонад. Ӯ аз рӯи ихтисосаш қариб 17 сол кор кардааст. Лек мегӯяд: "Вақте ба варзиш рӯй овардам, дигар кор бо варзиш ба ман гаронӣ кард ва ҳозир пурра ба варзиш гузаштам. Дигар кор намекунам".

РОҲ БА СӮЙИ ВАРЗИШ

Ясмин аз соли 2015 ба ин сӯ ба варзиш машғул аст. Ибтидо барои тамрин гоҳ-гоҳе ба толори варзишӣ мерафт. Рӯзе Ясмин дар толори варзишӣ бо мураббӣ Олим Парпив вомехӯрад ва ҳамин сабаб мешаваду ӯ ба варзиш рӯй меорад.

"Тамринро аз намуди пауэрлифтинг оғоз кардам. Дар ин риштаи зиёда аз 5 сол ҳунарнамоӣ намудам" - бо эҳсосот қайд мекунад варзишгар.

Ясмин аз риштаи пауэрлифтинг дар мусобиқаҳои шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ ҳар сол зинаи аввалро касб мекард ва ба худ ҳамто надошт. Вале аз ин намуд дар мусобиқаҳои берун аз кишвар ҳунарнамоӣ накарда буд.

"Рӯзе пас аз тамрин мураббиям Олим Парпиев ба ман гуфт, ки "Ясмин, биё, туро аз намуди бодибилдинг омода мекунем ва дар мусобиқаҳои ҷаҳонӣ ширкат меварзӣ". Ман аввал розӣ нашудам, аммо мураббиям гуфт, ки "пауэрлифтинг таҳкурсии хуб аст, ту дар ин намуд муваффақ мешавӣ". Ҳамин тавр, ман як сол омода шудам ва соли 2021 моҳи октябр дар мусобиқаи байналмилалии Тошканд аз ин намуд ҳунарнамоӣ кардам",- ба ёд меорад Ясмин.

Вақте Ясмин аз пауэрлифтинг ба бодибилдинг рӯй овард, 84 килограмм буд ва дар давоми тамринҳо ӯ тавонист, ки 30 килограмм вазни хешро дар як муддати кӯтоҳ партояд, ки инро ҳар варзишгар анҷом дода наметавонад.

УМЕД БА ОЯНДА

Жасминро мураббӣ Олим Парпиев тамрин медиҳад, ки дар гузашта роҳбарии Федератсияи бадансозию вазнбардории Тоҷикистонро ба уҳда дошт.

"Барои кишвари мо ин дастоварди бузург аст - духтари тоҷик дар чемпионати ҷаҳон ғолиб шуд. Барои варзиши занон ин як пешравии бузург аст, бахусус дар чунин як намуди душвори варзиш",- мегӯяд Парпиев.

Мавриди ба зикр аст, ки Жасмин тобистони соли равон дар 54-умин Чемпионати Осиё дар риштаи бадансозӣ дар Молдив нишони тилло ва нуқраро ба даст овард. Қабл аз ин дар мусобиқае дар Тошканд низ ғолиб омада буд. Ан-Нимр ният дорад ҳунарнамоиҳои худро дар мусобиқаҳои ҷаҳонӣ идома диҳаду ба дастовардҳои ҷадид ноил гардад.

Д. ҚОДИРПУР

---

5 КАРАТ ҚАҲРАМОНИ ҶАҲОН

Роҳи пурпечутоби Миҷгона Самадова

Ҳафтаи равон Миҷгона Самадова - муштзанбонуи тоҷик нишони дуюми қаҳрамони Ҷоми ҷаҳонии бокс миёни бонувон дар вазни 57 кг-ро дар корномаи худ сабт намуд. Миҷгона роҳи худро ба сӯи Бозиҳои Олимпии Париж - 2024 ҳамвор мекунад.

ҚАҲРАМОНБОНУИ ТОҶИК

Миҷгона Самадова варзишгар аст. Кикбоксинг, таэквондо, бокс намудҳои варзишеанд, ки ӯ дар ҳарсеи он муваффақ аст ва соҳиби дастовардҳост.

Дар Ҷоми ҷаҳонии бокс миёни кишварҳои истеҳсолкунандаи нефт, ки аз 5 то 10-уми декабр дар Белоярски Русия баргузор шуд, сазовори медали тилло шуд. Соли дуюм аст, ки Миҷгона унвони қаҳрамони Ҷоми ҷаҳонии боксро аз ин мусобиқа соҳиб мешавад.

Миҷгона Самадова дар вазни 57 кг сабқат намуда, дар даврҳои якуму дуюм бар муштзанҳои кишварҳои Белорус ва Русия дастболо шуд. Дар финал бошад, ӯ намояндаи дигари кишвари мизбон Евгения Лочкановаро мағлуб кард ва нишони тиллоро ба гардан овехт. Ин дар ҳолест, ки як моҳ пеш Миҷгона Самадова дар мусобиқаи қаҳрамонии Осиё оид ба бокс, ки дар шаҳри Аммони Урдун баргузор гардида буд, дар даври аввал аз намояндаи Тайбей мағлуб шуда буд.

ОРЗУ, ДАЪВАТИ ВАЗИР, РОҲҲОИ ҚАҲРАМОНӢ

Самадова Миҷгона Абдусаломовна мактаби №28-и Душанберо хатм кардааст ва аз даврааи хонандаи мактаб будан ба варзиш машғул мешавад. Рағбати беандоза ва шавқу шӯре, ки дар дил дошт, ӯро муваффақ мегардонад.

Миҷгона дар синфи дуюм таҳсил мекард, ки дар мусобиқаи чумҳуриявӣ иштирок кардаву соҳиби нишони ифтихорӣ мегардад. Ин дастоварди ӯро водор месозад, ки ба варзиш бештар машғул шавад.

Ҳамин буд, ки соли 2012 духтараки синфи ҳафтум аз мусобиқаи ҷаҳонӣ оид ба муҳорибаҳои тан ба тан, ки дар шаҳри Сочии Русия бо иштироки намояндагони 40 кишвари дунё баргузор гардид, медали тиллоро соҳиб мешавад. Соли 2013 бошад, аз шаҳри Калуга бо ду медали тилло ба ватан бармегардад. Миҷгона Самадова пайи ҳам ба ғолибият даст меёбад. Ӯ соли 2014 дар мусобиқаи Осиёи Марказӣ дар Душанбе оид ба муҳорибаи тан ба тан соҳиби медали тилло мегардад. Соли 2016 дар чемпионати ҷаҳон оид ба таэквондо дар Италия, ки аз 62 давлат варзишгарон иштирок намуда буданд, Миҷгона ба медали биринчӣ мушарраф мегардад.

Миҷгона аввалин варзишгарбонуи тоҷик аст, ки унвони қаҳрамонии ҷаҳон дар намуди варзиши кикбоксингро ба ватан овардааст. "Соли 2017 дар мусобиқаи бозиҳои Осиёӣ дар шаҳри Ашқобод, ки варзишгарон қариб аз 200 малакати ҷаҳон иштирок доштанд, ширкат кардам ва ба ҳама рақибони худ ғолиб омада, соҳиби медали тилло шудам. Ҳамин тавр, аввалин бонуе шудам, ки аз намуди кикбоксинг ба ватан медали тиллоро овардам",- гуфта буд ӯ.

Миҷгона аз хурдсолӣ мехост ҳуқуқшинос шавад. Пас аз ғолибиятҳои пай дар пай бо дастгирии вазири корҳои дохилӣ Рамазон Раҳимзода ба факултети ҳуқуқшиносии Академияи ВКД дохил мешавад.

Аз сабабе, ки кикбоксинг ва таэквондо ба Бозиҳои олимпӣ шомил нестанд, ӯ ба бокс рӯ меорад. Ӯ ният дорад, ки аз Бозиҳои олимпӣ барои Тоҷикистон медали тилло биёрад. Ӯро ба варзиш бародараш ташвиқ намуда, Матлуба Каримова ва Урунов Фурқат мураббиёни ӯ буданд.

Миҷгона 15 сол аст, ки ба варзиш машғул аст. Ӯ акнун панҷ унвони қаҳрамони ҷаҳон, ду маротиба қаҳрамони Осиё ва чандин маротиба қаҳрамони Тоҷикистонро дар корномаи худ ва саҳифаҳои варзиши кишвар рақам задааст.

ҶОМИ ҶАҲОНИИ БОКС

Ҷоми ҷаҳонии бокс миёни кишварҳои истеҳсолкунандаи нафт, ки аз 5 то 10-уми декабр дар минтақаи Белоярски Русия баргузор шуд, варзишгарон аз кишварҳои Озарбойҷон, Миср, Конго, Гурҷистон, Белорус, Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро ба ҳам оварданд.

Рақобатҳо аз рӯи 13 вазн миёни мардон ва 6 вазн миёни занон баргузор шуд. Муштзанҳои тоҷик ба гирифтани шаш нишони ифтихорӣ даст ёфтанд. Миёни мардҳо Шамшер Саидов медали тилло, Шаҳбоз Ҳаитов медали нуқра, Некрӯз Салимов медали биринҷӣ ва аз миёни бонувон бошад, Миҷгона Самадова медали тилло, Шоира Зулқайнарова медали биринҷӣ ва Мехриноз Музаффарова медали биринҷӣ гирифтанд.

И. САИД,
"Тоҷикистон"

IRS ДАР ИДМ “ЛОИҲАИ СОЛ” ЭЪТИРОФ ШУД

Дар доираи Анҷумани V-уми роҳдорони ИДМ ва баргузории Озмуни байналмилалии «Роҳҳои автомобилгарди ИДМ - 2022» бо истинод ба таҳлили амиқу доманадори мутахассисони варзидаи соҳаи роҳу нақлиёт ва масъулони Шӯрои байниҳукуматии роҳдорони ИДМ филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар номинаи «Лоиҳаи сол» ғолибият ба даст овард.

Ба ғайр аз ин, Директори филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Нодирҷон Сафаров бо Сипосномаи Шӯрои ҳамоҳангсозони соҳаи роҳу нақлиёти ИДМ сарфароз гардид. Мутахассисони IRS низ аз ҷониби Шӯрои байниҳукуматии роҳдорони ИДМ қадрдонӣ шуданд. Дастоварди мазкур идомаи мантиқии комёбиҳои қаблӣ маҳсуб мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки соли 2015 аз миёни довталабони зиёд вобаста ба ҷорӣ намудани навовариҳо дар раванди фаъолият ва шуруъ намудани марҳилаи сифатан нави пешрафт IRS сазовори «Ситораи байналмилалии сифат» гардид. Маросими супоридани ин ҷоизаи бонуфуз дар шаҳри Женева баргузор гардида, он дар вазъияти тантанавӣ ба роҳбарияти филиали ширкат супорида шуда буд. Озмуни мазкур аз соли 1999 инҷониб доир шуда, аз шумори чорабиниҳои бошукуҳ ва бонуфузи байналмилалӣ маҳсуб ёфта, дар он афкори намояндагони 74 мамлакати олам ба назар гирифта мешавад. Яъне, ғолибони ин маросим зимни таҳлили амиқу доманадор бо фарогирии назари равшанфикрони 74 давлати пешрафтаи олам муайян карда мешаванд.



Дар ҷаҳони муосир роҳандозии равобити барои тарафайн судманд бо созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ омили асосии дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани дилхоҳ ширкат маҳсуб ёфта, ҳамзамон замина ва шароит фароҳам меорад, ки таҷрибаи пешқадам ва технологияи нав дар раванди фаъолият ҷорӣ гарданд. Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки на ба ҳама ширкатҳо имкон даст медиҳад, то шомили ассосиатсия ва созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ гардида, ба ин васила аз эътирофу эътибори хоса бархӯрдор гарданд. Зеро ин раванд дар заминаи таҳлили амиқу доманадор сурат гирифта, танҳо хуб будани нишондиҳандаҳои фаъолият, мавҷудияти ҳайати кормандони болаёқат ва заминаи мустаҳкам и моддӣ - техникӣ ба он асос шуда метавонанд.

Ассотсиатсияи байналмилалии пулҳо, нақбҳо ва роҳҳои пулакӣ (IBTTA) иттиҳодияи ҷаҳонии операторони механизми толлингӣ ва соҳаҳои марбута мебошад. Рисолати ниҳоди фавқ фароҳам овардани шароити мусоид барои табодули донишҳо ва ғояҳои нав дар самти пешрафту беҳтар намудани хизматрасонии пулакӣ дар соҳаи нақлиёт маҳсуб меёбад. Филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон узви ин ташкилоти бонуфуз буда, мунтазам дар чорабиниҳои он фаъол аст.

Гуфтан бамаврид аст, ки дафтари асосии IBTTA дар шаҳри Вашингтон ҷойгир буда, он дар 25 кишвари шаш қитъаи олам садҳо аъзоро аз шумори ширкатҳои бонуфузу муваффақ муттаҳид намудааст. Аъзои IBTTA аз пешсафони бахши технологияи инноватсионӣ маҳсуб ёфта, дар самти сармоягузорӣ, таҳияи модел ва пешниҳоди хизматрасонӣ дар соҳаи инфрасохтори роҳ бо ёрии технологияи муосир таҷриба, имконот ва нерӯи зеҳнии фаъол доранд. IBTTA ҷиҳати муттаҳид сохтани шарикон дар соҳаи идоракунии пулакии роҳҳо, ки дар шароити кунунӣ хеле муҳим ва саривақтист, имкониятҳои зиёд ва беназирро дар ихтиёр дорад. Дастоварди дигари IRS дар радифи ширкатҳои машҳури ҷаҳонӣ, аз қабили Dogus Holding (Туркия), ICICI банк (Ҳиндустон), Kaspersky Lab (Россия), ширкати мошинбарории TATA (Ҳиндустон), ширкати ҳавонавардии «Полёт» (Россия), ширкати истеҳсоли алюминий «Alcoa» (ИМА) ва даҳҳо ширкатҳои соҳибнуфузи сазовори ҷоизаи «World Quality Commitment» шудани филиали ширкат аст.

Ёдовар мешавем, ки соли 2013 дар қатори ҷоизадорони World Quality Commitment дар категорияи «Тилло» Филиали ШС «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қарор гирифт. Зимни супоридани ҷоиза ба директори филиали ширкат таъкид гардид, ки IRS тими мутахассисони ҳирфаӣ буда, пайваста барои такмили малака ва ишғоли ҷойгоҳи арзанда талош меварзанд.


Қобили зикр аст, ки қаблан филиали ширкат ба гирифтани ҷоизаҳои «Шарики беҳтарин дар ИДМ», «Инноватсияи сол» (2011), «Шарики беҳтарин дар Тоҷикистон» ва ғайра сазовор дониста шуда буд. Илова бар ин, филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар ҶТ барои татбиқи муваффақонаи механизми институтсионалию инноватсионии идоракунии инфрасохтори роҳҳои автомобилгард дар кишвари дорои иқтисодиёти дар ҳоли рушд бо «Гувоҳномаи эътироф»-и Ассотсиатсияи байналмилалии пулҳо, нақбҳо ва роҳҳои автомобилгарди пулакӣ (IBTTA) қадр шудааст.

Равобити Филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ширкатҳои маъруфи ҷаҳонӣ тавсеа ёфта, сазовори шаҳодатномаи «Шарики беҳтарин» гардидани он далели гуфтаи болост. Шаҳодатномаи мазкур аз тарафи Ширкати чинии HUBEI CHENGLI SPECIAL AUTIMOBILE CO LTD ҳамчун намояндаи вакилатдори Кумитаи давлатӣ оид ба рушд ва ислоҳоти Ҷумҳурии Халқии Хитой тақдим гардидааст.

Лозим ба ёдоварист, ки шаҳодатномаи мазкур дараҷаи 3С дошта, ҳамасола барои ширкатҳои беҳтарини дунё, ки дар самти мушорикат ба муваффақиятҳо ноил гардидаанд, супорида мешавад.

ҶАШНИ 30- ЮМИН СОЛГАРДИ РАВОБИТИ ДИПЛОМАТИИ ШВЕЙТСАРИЯ ВА ТОҶИКИСТОН

9-уми декабри соли 2022 Конфедератсияи Швейтсария ва Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юмин солгарди барқароршавии равобити дипломатиро ҳамчун як марҳилаи асосии ҳамкориҳои дуҷониба ҷашн гирифтанд.



Ба ин муносибат муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шараф Шерализода бо сафири фавқулоддаи Конфедератсияи Швейтсария дар Тоҷикистон (бо қароргоҳ дар Остона) Дэвид Грихтинг вохурӣ намуд. Ҳарду ҷониб нусхаи аслии номаҳои табрикии Президенти Швейтсария ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро мубодила карданд.

Дар номаи шодбошии худ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Президенти Швейтсария Игнасио Кассис ба тааҳҳуди идомаи Швейтсария ба ҳамкорӣ бо Тоҷикистон, ки дар Барномаи нави ҳамкорӣ барои солҳои 2022-2025 зикр шудааст, таъкид кард. Тавассути Барномаи худ, Швейтсария фаъолиятҳои худро дар соҳаҳои об, инфрасохтор ва тағйирёбии иқлим, инчунин бахшҳои идоракунӣ ва рушди устувори иқтисодӣ амалӣ менамояд.

Ӯ ҳамчунин қайд кард, ки муносибатҳои деринаи байни кишварҳоямонро қадр мекунад ва барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ояндаи бехатару шукуфоиро таманно дорад.

Ба муносибати ин чорабинӣ Дафтари Швейтсария оид ба Ҳамкорӣ дар Тоҷикистон дар давоми сол як силсила чорабиниҳо, аз қабили Рӯзи дарахтшинонӣ бахшида ба масъалаи глобалии тағйирёбии иқлим ва мусобиқаи тенниси рӯи миз барои тарғиби тарзи ҳаёти солим ташкил намуд. Илова бар ин, подкаст дар чаҳорчӯбаи барномаи "Як плюс барои башарият" дар саҳифаи фейсбукии Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Тоҷикистон 9-уми декабри соли 2022 пахш шуд.

Ба ғайр аз ин, рӯзҳои 10 ва 11-уми декабри соли 2022 Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Тоҷикистон дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ намоиши пиряхҳои Швейтсария ва Тоҷикистонро барои ҳамагон ташкил кард.

Швейтсария ва Тоҷикистон аз соли 1992, аз замони барқароршавии равобити дипломатӣ ҳамкорӣ менамоянд.

Дар соли 1998 Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Душанбе фаъолияти худро оғоз кард ва ҳузури доимии Швейтсарияро дар Тоҷикистон шуруъ намуд.

Дар давоми се даҳсолаи охир тавассути барномаҳои гуногун ва чорабиниҳои лоиҳавӣ Ҳукумати Швейтсария ба манфиати мардуми Тоҷикистон беш аз 500 миллион доллари ИМА-ро маблағгузорӣ кардааст.

Рамзия МАМАДНАЗАРОВА,
мутахассис оид ба ВАО ва робита бо ҷомеаи Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Тоҷикистон

Эълонҳои бештар дар



ARZON.TJ

МЕХАРЕМ

► Холодилникҳо, кондитсионерҳо, телевизорҳо, қолинҳо ва мебел. Тел: 987-83-83-25, 905-10-27-31.

МЕФҲРҲШАМ

► Бӯстонсаро (дача) дар деҳаи Дарёбод, ҷамоати деҳоти Зайнабобод, ноҳия Рӯдакӣ. Иборат аз 6 сотих замин. Бинои истиқоматӣ иборат аз таҳхона, пешайвон, ду ҳуҷраи истиқоматӣ, ошхона. Шиносномаи техникӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ дорад. Нарх шартномавӣ. Тел: 918-73-40-10.

САЛОМАТӢ

► Бе ҷарроҳӣ холу озаҳҳоро мегирем. Тел: 904-61-43-34.

ХИЗМАТРАСОНӢ

► Устои касбӣ оид ба сохтани зинапоя, чӯбин ва бетонӣ, лоиҳаи смета ва монтаж (проект смета и монтаж), чанд намуд пешниҳод карда мешавад. Босифат ва сари вақт. Тел: 200-228-793.

НИЁЗ ДОРЕМ

► Ба маҳсгар ниёз дорем. Тел: 884-47-61-61.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шаҳодатнома бо шартҳои махсуси соҳибкори инфиродӣ ба номи Раҳмати Саҳодатуллоҳ, №0563542, РЯМ: 0430337591, РМА: 057239919, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино 19.08 соли 2022 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дипломи Ю №0003583, ки онро ДМТ 15.07 соли 1999 ба Шарифхоҷаева Самира Саидхуҷаевна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Каримов Абдусамад Мамарасулович, РЯМ: 3330026563, РМА: 335103125, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҷ. Румӣ додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо сурогаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳаи Чимтеппа ба номи Заирова Махфират Раҷабовна, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ таҳти феҳрести №18933 аз моҳи феврали соли 2009 бо сурогаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Алачабоф б/р ба номи Содиқов Маҳмуд Матлубович, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлидорӣ бо сурогаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев 72/6, ҳуҷраи 50 ба номи Бегмахмудова Зарина Аркадьевна, бинобар гум шудан беэътибор дониста шаванд.

ЭЪЛОН

ҶДММ "Коркарди Пулод", РМА: 030033321 сармояи оинномавӣ аз 2 000 000 (ду миллион) сомонӣ ба 1 010 000 (як миллиону даҳ ҳазор) сомонӣ бо роҳи кам кардани арзиши номиналии ҳиссаи як иштирокчии ягонаро кам карда, сармояи оинномавии ҷамъият ба андозаи 1 010 000 (як миллиону даҳ ҳазор) сомонӣ тасдиқ карда шавад. Дар натиҷаи кам шудани сармояи оинномавии ҷамъият арзиши номиналии ҳиссаи иштирокчӣ мутаносибан бе тағйир додани андозаи он кам карда шуда, ба андозаи 100% арзиши сармояи оинномавии ҷамъият муқаррар карда мешавад; ки арзиши номиналии он баъди кам шудан 1 010 000 (як миллиону дах ҳазор) сомониро ташкил медиҳад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос таҳти феҳрести №2м-116 аз 27.07 соли 2020 ва шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ №28915, №0243244 аз 27.07 соли 2020 бо сурогаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев 72/6, ҳуҷраи 50 ба номи Бегмаҳмудова Зарина Аркадьевна бинобар гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А6908728, ки онро ШКД-и ноҳияи Фирдавсӣ 19-уми январи соли 2012 ба Бегмаҳмудова Зарина Аркадьевна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ Г21671 ва дафтарчаи имтиҳонотӣ, ки Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2021 ба Ҳомидов Муҳаммадиқбол додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Абдураҳимов Алиакбар (хоҷагии деҳқонии "Иброҳим") РЯМ: 1230010165, РМА: 125056650, ки Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 09.01 соли 2009 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо сурогаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Якка-Чинор 40 ба номи Ҷураева Гулнора Хайруллоевна, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо сурогаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум 82, ҳуҷраи 32 ба номи Шарипова Миҷгона, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо сурогаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум 71/3, ҳуҷраи 26 ба номи Нусратуллоев Исмоил Исматуллоевич, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести 9.Ш 929, ки Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 05.08 соли 2003 бо сурогаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ 13/15 ба Рахмонов Умедчон Хайридинович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира бо реестри №1Ш-202 аз 10.02 соли 2007, ки нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ бо сурогаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Чехов 6/2, ҳуҷраи 13 ба Пиров Ёрибек додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи бақайдгирии КТ Хум-1, РЯМ: 0710005496, РМА: 070007936, аз 29.06 соли 2010, ки Нозироти андози шаҳри Турсунзода додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳрести 10Н-34 кори меросии 31/2001, ки Саридораи нотариалии давлатии ҶТ бо сурогаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Чехов, хонаи 1/1, ҳуҷраи 24 ба Горгишелидзе Виталий Александрович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести 8Ш-2847 аз 21.06 соли 2011, ки Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино бо сурогаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Майяковский, хонаи 4, ҳуҷраи 89 ба Амраев Ҳоҷиқурбон Пирҷонович додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести 1Ш-1434 аз 06.10 соли 2017, ки Саридораи нотариалии давлатии ҶТ бо сурогаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Т. Пӯлодӣ, хонаи 3, ҳуҷраи 109 ба Ҳамидова Камилла Азизовна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Созишномаи ҳақи дасткаши таҳти феҳрести 9Ш-2432 аз 23.11 соли 2016, ки Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба мағозаи рақами 33 воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Б. Ғафуров додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ, ки онро Коллеҷи муҳандисии омӯзгории шаҳри Душанбе соли 2021 ба Амонуллои Саидхон додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести рақами 3Д-1594 аз 15.05 соли1993, ки Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода бо сурогаи шаҳриТурсунзода, кӯчаи 2 м/р, хонаи 6, ҳуҷраи 44 ба Эрданов Равхат Муртазоевич додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба Мамадчонова Фазилатхон Гуломчоновна, РЯМ: 0730187233, РМА: 075288151, ки Нозироти андози шаҳри Турсунзода 15.02 соли 2019 додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести 1Ш-1651 аз 17.09 соли 2013, ки Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ бо сурогаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Россия, деҳаи Яккатут ба Каимов Мамат додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ҳаштуми №091918, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №29-и ноҳияи Ҳисор 24-уми июни соли 1986 ба Ҷурабоева Барно додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрести 1Ш.516, ки Идораи нотариали давлатии ноҳияи Рӯдакӣ 06.06 соли 2011бо сурогаи ноҳияи Рӯдакӣ, ш. Сомониён, кӯчаи И. Сомонӣ Б/Р ба Садуллозода Юсуфчон Хочи додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳум, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25-и ноҳияи Сино соли 1989 ба Ҷураева Озода Шодимуродовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Бобохонов Ҷамшед Неъматович, РМА: 145009346, РЯМ: 1430022587, ки Нозироти андози ноҳияи Файзобод додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Тоҷиддинов Нарзулло Неъматуллоевич, РМА: 145713649, РЯМ: 1430050481, ки Нозироти андози ноҳияи Файзобод додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ғолибзода Шамсулло Азаматулло, РМА: 145797801, РЯМ: 1430044046, ки Нозироти андози ноҳияи Файзобод додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Юсуфзода Наврузҷони Латиф, РМА: 146033899, РЯМ: 1430069685, ки Нозироти андози ноҳияи Файзобод додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотӣ №21300-02, ки Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия соли 2021 ба Мухаммадхисайн Сафар додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ №1144, аз 28-уми июни соли 2018, №0047547, бо сурогаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Заркамар ба номи Набиева Солиҳа Ҳукматовна бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира бо реестри №1Ш-206 аз 16.02 соли 2004, ки нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ бо сурогаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, хонаи 156, ҳуҷраи 31 ба Аминова Парвина Азимовна додааст, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрванди ҶТ, серияи А6335331 ба номи Роговой Сергей Владимирович, ки 6-уми апрели соли 2011 ШКД ноҳияи Фирдавсии ш. Душанбе додааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХУРАД

► Ташкилоти ҷамъиятии Волидони кӯдакони имконияташон маҳдуд (КИМ) "Умеди Дилҳо", рақами қайд ИҶ 1366, ВАТҶ №0000043, РМА: 090011093, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати як моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Суҳроби Саид" №0268178, РЯМ: 0410039328, РМА: 040061722, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, good governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

Empowered lives. Resilient nations.

UNDP TAJIKISTAN IS SEEKING TO RECRUIT:

- **Monitoring, Evaluation and Reporting Analyst (7427/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; deadline for applications: 22 December 2022**
- **Communication, Outreach and Gender Analyst (7437/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; deadline for applications: 22 December 2022**
- **Capacity Development Analyst (7432/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; deadline for applications: 23 December 2022**
- **Technology and Interoperability Analyst (7438/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; deadline for applications: 28 December 2022**
- **Technology and Digitization Analyst (7484/ NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; deadline for applications: 28 December 2022**
- **Monitoring, Evaluation and Reporting Analyst (7436/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; deadline for applications: 27 December 2022**
- **Project Associate on Service Delivery (7505/NPSA-6); Duty Station: Dushanbe; deadline for applications: 27 December 2022**
- **Project Associate on Technology and Digitization (7497/NPSA-6); Duty Station: Dushanbe; deadline for applications: 27 December 2022**
- **Project Associate (7514/NPSA-6); Duty Station: Dushanbe; deadline for applications: 29 December 2022**
- **Project Associate (7534/NPSA-6); Duty Station: Dushanbe; deadline for applications: 29 December 2022**

For detailed Job Descriptions and instructions for submission of applications please visit our website: **www.tj.undp.org > Operations>Job. Applications** without the completed application form will be treated as incomplete and will not be considered for further assessment. Only shortlisted candidates will be contacted. Qualified female candidates are strongly encouraged to apply. To stay updated on our Vacancy Announcements please join us on Facebook:**http://www.facebook.com/pages/RecruitmentUNDP-Tajikistan/141125059321554**

Тақвими моҳ



Ҳамал
21.03 - 20.04

Агар дар дил нисбати нафаре муҳаббат дошта бошед, вақте расидааст, ки изҳори муҳаббат намоед. Самимият боиси мустаҳкамии муносибатҳоятон мегардад. Эҳтимол аз дӯсти ҷонӣ ҷудо мешаведу дӯстони нав пайдо месозед. Аз ҷойҳои серодам дурӣ ҷӯед.



Савр
21.04 - 21.05

Дар ин ҳафта аз сергапӣ худдорӣ намуда, бештар бо кор андармон шавед. Нимаи аввали ҳафта дар ҷои кор тағйиротро интизор шавед. Бадхоҳон ба зиндагиятон бинӣ халонида, нақшаҳоятонро вайрон кардану зарар расонидан мехоҳанд.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Фикру андешаҳои мағшуширо аз сар дур сохта, танҳо корҳои муҳимро дар мақоми аввал гузоред. Асабоният ба вазъи саломатиятон таъсири манфӣ мерасонад. Муносибатҳоятон бо нафаре, ки дӯсташ медоред, бад мешавад ва барои он, ки ёри худро наранҷонед, бояд гузашт кунед.



Саратон
22.06 - 23.07

Кору мушкили зиёде пеш меояд, ки дарҳол бояд аз паяш шавед. Вақти истироҳат намеёбед, ба баҳсу мунозираҳои беҳуда машғул нашавед. Ҳодисаи гуворо ё вохӯрии ногаҳонӣ табъатонро болида мегардонад. Эҳтимолӣ зиёд шудани даромади пулӣ дар назар аст.



Асад
23.07 - 22.08

Давраи бобарор аст, мушкилоти хурдро ба зудӣ рафъ месозед. Муносибатҳоятон бо шахси дӯстдошта вайрон мегардад. Агар дигар тобу тоқати бо ӯ буданро надошта бошед, рӯирост инро ба рӯяш иброз намоед. Хусусан агар дилатон кайҳо боз аз ӯ монда бошад.



Сумбула
23.08 - 22.09

Дар назди роҳбарият ҳақ будани худро собит карданӣ шуда, ба сари худ бало мехаред. Дар самти тиҷорат бо хатои дигарон мушкилиҳо сар мезананд. Нимаи аввали ҳафта ба атрофиёни худ диққати хоса диҳед. Қаҳру ғазабро нигоҳ доред, вагарна бар зарари худ амал мекунед.



Мизон
25.09 - 22.10

Бурдборӣ дар ин ҳафта аз заҳматкашиятон вобаста аст. Мушкиливу монеаҳои сарзадаро паси сар мекунед. Айни замон заифиву танбалӣ накунед, вагарна дастовардҳои то ин дам доштаро аз даст медиҳед. Нафарони фаъол натиҷаи заҳмати худро мебинанд.



Ақраб
23.10 - 22.11

Ҳафтаи бобарор аст, вале аз сафари роҳи дур ва саёҳат худдорӣ намоед. Эҳтиёткорӣ зимни робита шуморо аз мушкилоте, ки боиси муноқиша мегарданд, раҳо мебахшад. Якравӣ ва асабоният боиси сар задани ҷанҷол, бад шудани вазъи саломатӣ гашта метавонад.



Қавс
25.11 - 21.12

Дар ҷои кор монеаҳои ногаҳонӣ сар мезананд. Беҷуръатӣ ва шубҳаву дудилагӣ вазъиятро муташанниҷтар мегардонад. Ба маслиҳати рафиқони ботаҷрибаи худ гӯш андозед, вале аз рӯи он амал накунед. Ба эҳсосот дода нашавед, ғаму андуҳ боиси хурӯҷ намудани дарди сар мешавад.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.01

Нимаи аввали ҳафта мушкилоти зиёди рӯзгорро ба зудӣ рафъ месозед. Нимаи дуюми ҳафта зимни ба сафар баромадан хушёриро пеша намоед. Ягон мушкилот наметавонад табъи шуморо хира гардонад. Дилпурона амал намуда, шумо ба комёбиҳои бештар ноил мегардед.



Далв
21.01 - 19.02

Корҳои қаблан оғознамударо бояд ба охир расонед. Нерӯи шумо ба корҳои бисёр мерасад, вале аз ҳад нагузаронед, ба маслиҳатҳои бохирадона гӯш андозед. Бо ҳар сабаби ночиз асабонӣ ва ба эҳсосот дода нашавед. Ҳама гуна амалиётҳои тиббӣ бобарор анҷом меёбанд.



Ҳут
20.02 - 20.03

Дӯстону шиносони дерин шуморо танҳову дилгир шудан намегузоранд. Вазъи молиявӣ андаке номусоид мегардад, камбудиҳои рӯзгор боиси харҷ карданатон мегардад. Нимаи аввали ҳафта бояд робитаи худро бо дӯстон қатъ намоед, вагарна аз кор дур мешавед.



ДАРГУЗАШТИ ТАБИБ САИДҶОН НОДИРӢ

Пизишки маъруфи тоҷик, равоншинос, номзади илмҳои тиб, Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири саҳифаи "Канзи шифо"-и "Тоҷикистон" Саидҷон Нодирӣ рӯзи 10-уми декабри соли 2022 аз олам чашм пӯшид.

Саидҷон Нодирӣ солҳои зиёде тавассути гипноз, сӯзанзанӣ, гиёҳдармонӣ ва усули мануалӣ ба табобати беморон машғул буд. Ӯ муаллифи чандин китоб, аз ҷумла китобҳои "Дил, рӯҳ ва инсон" ва "Бӯалӣ ва гиёҳдармонии амрози санги гурда" мебошад.

Саидҷон Нодирӣ аз ҷумлаи ошиқони Абӯалӣ Ибни Сино буд ва созмонеро бо номи "Ҷамъияти пайравони Сино" ташкил дода буд, ки табибони форсизабон аз кишварҳои гуногунро зери парчами алоқаву муҳаббат ба осори Синои бузург гирд оварда буд. Ҳамчунин, Саидҷон Нодирӣ ҳамроҳ бо профессор Юсуф Нуралиев бар пояи осори Сино китоби муштаракеро бо номи "Бӯалӣ ва гиёҳдармонии амрози санги гурда" ба чоп расонидаанд. Рисолаи номзадии Саидҷон Нодирӣ ҳам бар пояи осори Сино буд.

Муҳаббат ва алоқамандии Саидҷон Нодирӣ ба Ибни Сино чунон зиёд буд, ки ӯ дар соли 2015 бо усули "Ҳаҷи бадал" ба ҷои ин донишманди бузург сафари Ҳаҷ кард. Ҳаҷи бадал - адои Ҳаҷ аз сӯи як мусулмон ба ҷойи мусулмони дигар аст, ки бар асари беморӣ ё далели дигар наметавонад ба зиёрати Каъба биравад.

ДАР ЗЕР ЧАНД ТАВСИЯИ САИДҶОН НОДИРИРО БА СУОЛҲОИ ХОНАНДАГОНИ САҲИФАИ "КАНЗИ ШИФО" ПЕШКАШ МЕКУНЕМ.

НОНИ ҶАВ
давои бемории дил



Бештари одамон бар он назаранд, ки орди ҷав ба организм фоидаи зиёд дорад. Дар мағозаҳо низ нархи нони аз орди ҷав тайёршуда назар ба нони гандумӣ қимматтар аст. Тафовути орди гандум аз орди ҷав дар чист? Оё илми тиб дар ин бора дастуре дорад?

ФИРДАВС, шаҳри Хуҷанд

Посухи табиб Саидҷон Нодирӣ

- Аслан чор намуди орд мавҷуд аст: гандумӣ, ҷуворимакка, арзан ва ҷав. Ин ордҳо вобаста ба таркибашон аз ҳамдигар тафовут доранд. Нони ҷавдор ва гандумӣ фарқи калон доранд. Дар таркиби нони ҷав кислотаи лизин бештар аст, шояд аз ҳамин сабаб нархи ин нон нисбат ба нони гандумӣ қимматтар бошад. Лизин барои организми инсон бисёр манфиатбахш аст. Дар таркиби нони ҷав дигар моддаҳои фоидабахш, аз қабили марганес, руҳ ва мис фаровонанд. Нони аз орди дурушти ҷавдор пухташуда барои гирифторони беморихои рӯдаи ғафс, қабзият, касалии қанд ғизои парҳезӣ ҳисоб меёбад. Ба шахсоне, ки ба бемории дил мубтало гаштаанд, хӯрдани нони ҷавӣ ё аз орди гандуми навъи 2-юм пухташударо тавсия медиҳем. Хурдтаракон ва касоне, ки меъдаашон бемор аст, бояд нони ҷавдорро камтар истеъмол намоянд. Аз фарбеҳ шудан ҳарос дошта бошед, танҳо нони аз орди осиёбӣ пухташударо хӯред, он ҳам набояд аз 100-300 грамм зиёд бошад.


ПИЁЗ ГАЙМОРИТРО ДАВО МЕБАХШАД?

Чандест, ки аз бемории гайморит азият мекашам. Чандин усулро истифода карда, шифо наёфтам. Аз табиби мардумӣ Саидҷон Нодирӣ мехоҳам, ки тавсия диҳанд.

МАНСУР, шаҳри Душанбе


ПОСУХ:

- Пиёз яке аз василаҳои осони табобати гайморит аст. Тарбандӣ бо пиёз барои рафъи асорати шамолкашӣ, ҳангоми бронхит, отит, сулфа ва ҳатто систиту гайморит бисёр муфид аст. Ин тарбандиро дар шароити хона мустақилона тайёр кардан мумкин аст. Ба халтачаи аз дока дӯхташуда пиёзи резакардаро андохта, дар бӯғи оби ҷӯшидаистода тавре дошта истед, ки халтача ба об нарасад. Баъдан пиёзро гармогарм (ба дараҷае, ки баданро насӯзонад) ба матои ғафстар печонида, ба ҷои дардманд мебандед. Тарбандиро баъди 15-20 дақиқа кушода партофтан мумкин аст. Ин тарзи муолиҷа ба организми инсон ягон зарра зарар намерасонад.



ОТА ҶАЛОЛ НОСИРОВ

ва як васияти Амир Олимхон



Донишманди бузурги «Шашмақом», устоди усулҳои мураккаби мусиқӣ, танбӯрнавози чирадаст, ҳофизи хушсадо Ота Ҷалол Носиров (дар баъзе манбаъҳо «Ота» нею «Бобо») соли 1845 дар гузари Эшони Пири шаҳри Бухоро таваллуд ёфтааст.

Падараш Носир соҳиби овози ширадор буда, дар масҷид муаззинӣ мекардааст. Аз мусиқӣ ва сурудҳои халқӣ хабар дошт. Бародараш Мулло Хайрулло низ ҳофиз ва писараш Каромат камоннавоз будаанд.

Ҷалолиддин аз хурдсолӣ ба мусиқӣ дил баст ва ба ҳофизи овозадори замон Тиллобой шогирд истод. Синнаш ҳанӯз ба 20 нарасида, шуъбаи «Наср»-и «Шашмақом»-ро аз худ кард. Вай якҷоя бо ҳофизони ҳамонвақта Мирзо Ҳидоят, Муллобой, Абдураҳмонбек, Абдулхайр Махдум, Мирбобо, Мирвосеъ дар тӯю маъракаҳо ширкат ҷуста, мақомхонӣ мекард. Амири Бухоро Музаффархон аз истеъдоди Ҷалол огоҳ гардида, ӯро соли 1864 ба ҳофизии сарой қабул мекунад. Дере нагузашта ӯ ба мартабаи сарвари санъаткорони сарой таъин мегардад. Ота Ҷалол дар давраи ҳукмронии Амир Музаффархон бештар дар Шаҳрисабз, ҳангоми салтанати Амир Аҳадхон дар Кармана ва солҳои соҳибтахт шудани Амир Олимхон дар Бухоро зиндагӣ мекунад. Дар китоби «Муғанниёни Бухоро» омадааст, ки ин ҳар се амир ба шеър ва мусиқӣ дилбастагӣ доштанду Амир Аҳадхон пеш аз вафоташ ба писараш Олимхон чунин васият карда будааст: «Писарам, усто Ҷалолиддинро эҳтиёт кун, вай устоди «Шашмақом» буда, ба ашъори банда оҳанг бастааст. Дар рӯзҳои сахт ба вай раҳнамо бош!».

Ота Ҷалол баробари ба Левича, усто Шодӣ, усто Тоҳир Давлатзода, Қорӣ Каромат, Қорӣ Убайдулло, усто Ёдгор барин санъаткорони рикобӣ роҳбарӣ кардан, шуъбаҳои мушкилот ва насри «Шашмақоми Бухоро»-ро пурра тайёр намуда, ба мардум намоиш медиҳад. Ӯ на фақат ин шоҳасари классикиро ба шогирдонаш омӯхт, балки шуъбаҳои онро такмил дод, ба мақоми «Сегоҳ» бо усули «савт» иборат аз се қисм шуъба таҳия намуда, бо номи «Савти Ҷалолӣ» асар эҷод кард. Абдурауфи Фитрат дар «Мусиқии классикии ӯзбек ва таърихи он» ном асараш чунин нигоштааст: «Мақоми «Сегоҳ» шуъбаи «Савт» надошт. Он бо ташвиқи банда дар соли 1922 аз ҷониби мусиқидони машҳур Ота Ҷалол эҷод гардид». (Нигаред ба Фитрат. Ӯзбек классик мусиқаси ва унинг тарихи. Т. «Фан», 1993, саҳ. 24).

Ба Ота Ҷалол аз ҷониби амири Бухоро унвони «Мирохӯр» (сардори саисхонаи сарой) дода шудааст.

Ота Ҷалол аз соли 1921 дар мактаби мусиқии Шарқи Бухоро фаъолият нишон дода, ба Левӣ Бобохонов, Борух Зеркиев, Домулло Ҳалим Ибодов, Ҳоҷӣ Абдураҳмон Умаров, Туробқул Қаравулбегӣ, Тоҳирҷон Давлатзода, Мирзо Абдукарими Вобкандӣ, Маъруфҷон Тошпӯлодов, Наҷмиддин Насриддинов ва дигар ҳофизу навозандагони соҳибистеъдод роҳу усулҳои «Шашмақом»-ро омӯхта, ин дурдонаи маънавии Шарқро дастраси мардум мегардонад.

Яке аз хидматҳои бузурги Ота Ҷалол дар он аст, ки вай бо ташаббуси А. Фитрат бо ҳамкории Ота Ғиёс ва В. Успенский дар соли 1924 «Шашмақоми Бухоро»-ро ба адвор дароварда, боиси дар шаҳри Москва аз нашр баромадани он мегардад. Бо шарофати вай қисмҳои наср ва мушкилоти шаш мақом: «Бузург», «Рост», «Наво», «Дугоҳ», «Сегоҳ» ва «Ирок» мукаммал барқарор шуд. Муаллифи китоби «Шашмақом», этнографи рус В. Успенский, ки материали асосиро аз Ота Ҷалол гирифтааст, дар бораи ӯ чунин навиштааст: «Бо вуҷуди пирӣ, Ота Ҷалол овози баланду форам ва хотираи қавӣ дошт. Вай хунарманде буд, ки на фақат оҳангу матни шуъбаҳои «Шашмақом»-ро, балки 18 намуди ичрои онҳоро беғалат дар хотир нигоҳ медошт».

Ҳофизони машҳур Муллотӯйчӣ Тошмуҳаммедов ва Шораҳим Шоумаров ба Бухоро омада, аз Ота Ҷалол суруди «Гиря»-ро омӯхтаанд.

Ота Ҷалол ба пойтахти ҳамонвақтаи Ӯзбекистон - шаҳри Самарқанд рафта, дар Институти мусиқӣ ва этнография ба кор медарояд. Домулло Ҳалим Ибодов, Усто Шодӣ Азизов, Шоҳназар Соҳибов, Бобоқул Файзуллоев барин даҳҳо шогирдони барҷастаро тарбия менамояд. Вай соли 1928 дар синни 83-солагӣ дар шаҳри Самарқанд аз олам чашм пӯшидааст.

Бояд таъкид намуд, ки эҳёи «Шашмақом» на фақат дар мамлакати мо, балки дар Осиёи Марказӣ бо номи Ота Ҷалол Носиров алоқаманд аст. Ҳақ ба ҷониби В. Успенский, ки гуфтааст: «Ота Ҷалол донишманди охирин, посдори ягонаи «Шашмақом» дар Бухорост».

Файзулло ТӮРАЕВ,
санъатшинос, шаҳри Тошканд

САЪБА - ПАРАНДАИ СОЛИ 2023

Дар остонаи соли нави мелодӣ дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (АМИТ) озмуни “Парандаи соли 2023” доир гардид. Бо пешниҳоди банда ва дастгирии олимону мутахассисон ва парандашиносон саъба “Парандаи соли 2023” интихоб гардид.



Кобили зикр аст, ин озмун соли даҳум аст, ки ҳамасола дар арафаи соли нави мелодӣ аз ҷониби бахши табиатшиносии АМИТ ва Иттиҳодияи ҳифзи табиат ва гуногунии биологӣ баргузор мегардад. Ин навбат барои муҳокима 8 номгӯи парандагони нодиру аҷиби Тоҷикистон, ба мисли мусича, саъба, дурроҷи сиёҳ, бедона, кабӯтари ҷангалӣ, чарғи думдароз, доснул пешниҳод гардида буд.

Дар ҷамъбасти озмун ноиби президенти АМИТ, доктори илмҳои биология Абдусаттор Саидов дар бораи мақсади гузаронидани ин озмун суханронӣ намуд.

Ман хушбахтам, ки мисли соли гузашта дар овоздиҳӣ ширкат намуда, саъбаро пешниҳоди ҳозирин кардам ва дар натиҷа аз ҳамаи дигар парандагон бештар овоз гирифт ва саъба “Парандаи сол” шуд. Зеро дар ҳақиқат саъбаи зебои афсонавӣ миёни мардум машҳур буда, яке аз парандагони писандидаи дӯстдорони табиат мебошад. Саъба бо тарзи хаёти муътадил ва аҷиби худ дар табиат аз дигар парандагон фарқ мекунад. Тарзи лонагузорӣ ва тарбияи чӯҷаҳо барои саъба хеле муҳим мебошад. Он соле то се-чаҳор чӯҷа бароварда, ба онҳо зуд тарзи парвозу шикорро меомӯзонад. Саъбахо озодагиро дӯст дошта, ҳар сол лонаи худро аз нав таъмир мекунанд ва тухм мегузоранд. Лонаи ин парандаи аҷиб хеле нозукона аз лой ва гилу ришта ва хас сохта мешавад ва онҳо ба инсон наздик буда, бештар дар ҷангал ва боғот лона мегузоранд. Саъба парандаи бисёр хушхон буда, ҳар гуна овозҳоро такрор мекунад ва чӯҷаҳояшро хело дӯст медорад. Аймёми ғизодиҳии чӯҷаҳо рӯзе то зиёда аз 200 маротиба ба лонааш парвоз мекунад. Саъба то 100 грамм вазн дошта, дар дигар мамлакатҳо, билхоса дар Африко, Чин ва дар Ҳиндустон низ хеле зиёд паҳн шудааст.

Маҷид САЛИМ

Тақвими ТОҶИКИСТОН

15-УМИ ДЕКАБР

Додоҷон ИСМОИЛОВ (1942), 80-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

Карматулло ХОЛИҚОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

Абдурасул ҲАЛИМОВ (1952), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Абдуқодири АБДУҚАҲҲОР (1967), 55-солагии зодрӯзи журналист, дорандаи ордени «Шараф-2».

Ҳабибулло МАҶИДОВ (1952), 70-солагии зодрӯзи генерал-майор.

16-УМИ ДЕКАБР

Хурмо ШИРИНОВА (1957-1997), 65-солагии зодрӯзи сароянда.

Григорий ЧЕРЕДНИЧЕНКО (1927), 95-солагии зодрӯзи ҳайкалтарош, Корманди шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Карматулло ХОЛИҚОВ (1957-2011), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

Маҳмадалӣ ШЕРОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи журналист.

17-УМИ ДЕКАБР

Ҳайдаршоҳи МУЛЛОХУҶА (1952), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Акбар НУРМАТОВ (1942), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб, профессор.

Меҳриниссо ЗАРИФОВА (1942), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

18-УМИ ДЕКАБР

Қутбӣ КИРОМ (1932-1993), 90-солагии зодрӯзи Шоири халқии Тоҷикистон, Корманди шоистаи маданияти ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи ба номи Рӯдакӣ.

Аҳмадшоҳ КОМИЛЗОДА (1952), 70-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи фарҳанги Тоҷикистон.

Зуфнуна СОҲИБОВА (1967), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб, Корманди шоистаи илми Тоҷикистон.

19-УМИ ДЕКАБР

Баҳора ХУРРАМЗОД (1957), 65-солагии зодрӯзи нависанда, олими соҳаи санъатшиносӣ.

Шавкат НИЁЗӢ (1927-2021), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

20-УМИ ДЕКАБР

Курчибек ЮСУФОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи меъмор, Ходими шоистаи фарҳанги Тоҷикистон.

Тошбой БОБОЕВ (1942), 80-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор, Арбоби шоистаи илм ва техникаи Тоҷикистон.

Муллошоҳ ДАВЛАТОВ (1942), 80-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

Абдулфайз ХУШДИЛОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи устоди варзиши Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз рӯи гӯштини самбо).

Иноят ШОЙМУРОДОВ (1942), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия, Корманди шоистаи илми Тоҷикистон.

Фатҳулло АБДУЛЛОЕВ (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

НУРАЛӢ САФАРОВ (1952), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия, Корманди шоистаи илми Тоҷикистон.

Абдусамад РАҲИМОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

21-УМИ ДЕКАБР

Саймухтор ҶАЛОЛОВ (1952), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи филология, забоншинос.

Баҳром ТОШЕВ (1965), 55-солагии зодрӯзи оҳангсоз, навозанда, Корманди хизматнишондодаи фарҳанги Тоҷикистон.

Абдулло ЗОКИР (1927-1982), 95-солагии зодрӯзи нависанда, мутарҷим.

Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

БОКС

КОМЁБИИ МУШТЗАНҲОИ ТОҶИК ДАР ҶОМИ ҶАҲОН

Аз 5 то 10-уми декабр дар минтақаи Белоярски Русия Ҷоми ҷаҳонии бокс миёни кишварҳои истеҳсолкунандаи нафт баргузор шуд, ки дар он варзишгарон аз Озарбойҷон, Миср, Конго, Гурҷистон, Белорус, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ширкат карданд.



Рақобатҳо дар 13 вазн миёни мардон ва 6 вазн миёни занон ҷараён гирифт. Намояндаҳои Тоҷикистон сазовори 6 медал (2 тилло, 1 нуқра, 3 биринҷӣ) шуданд.

Медали аввали тиллоро Миҷгона Самадова дар вазни 57 кг ба даст оварда. Ӯ то ба финал расидан бар муштзанҳои кишварҳои Белорус ва Русия дастболо шуд. Ӯ дар финал бар намояндаи дигари кишвари мизбон Евгения Лочканова ғалаба ба даст оварда.

Тиллои дуюмро Шамшер Саидов ба даст оварда. Шамшер дар муҳорибаи ниҳоии вазни 67 кг варзишгари мизбон Руслан Пидгирнякро шикаст дод.

Медали нуқраро Шаҳбоз Ҳаитов дар вазни 86 кг сазовор шуд. Шоира Зулқайнарова дар вазни -60 кг, Меҳриноз Музаффарова дар вазни -81 кг ва Некрӯз Салимов дар вазни -80 кг ҷойҳои сеюмро гирифтанд.

ҶИУ-ҶИТСУ

11 ВАРЗИШГАРИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧЕМПИОНАТИ КУШОДИ ҶАҲОН

Аз 13 то 28-уми декабр дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Русия Чемпионати кушоди ҷаҳонии ҷиу-ҷитсу баргузор мегардад, ки дар он Тоҷикистонро 11 нафар варзишгарон намояндагӣ мекунанд.

Дар Чемпионати кушоди ҷаҳонии ҷиу-ҷитсу Сомон Турсунзода дар вазни 25 кг, Муҳаммад Шерализода дар вазни 30 кг, Мустафо Шерализода дар вазни 30 кг, Масъуд Убайдов дар вазни 30 кг, Шаҳром Маҳмуродов дар вазни 56 кг, Бобоҷон Мамадаминов дар вазни 60 кг, Шукрулло Мамасолеҳов дар вазни 75 кг, Қосимҷон Суфиев дар вазни 75 кг, Абдураҳмони Баҳромҷон дар вазни 75 кг, Алиакбар Исозода дар вазни 80 кг ва Шаҳзод Мирзоев дар вазни 60 кг иштирок мекунанд.

ПАУЭРЛИФТИНГ

МЕДАЛИ ТИЛЛОИ МУҲАММАДАЛӢ МИРЗОЕВ АЗ ЧЕМПИОНАТИ ОСИЁ

Варзишгари тоҷик ва Устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадалӣ Мирзоев дар Чемпионати пауэрлифтинги Осиё (вазнбардории секарата) дар вазни 120 кг соҳиби медали тилло гардид.

Ин варзишгари тоҷик бо бардоштани 194,5 кг вазн (хобида) дар қораи Осиё рекорд гузошт. Дар ин мусобиқа, ки аз 1 то 7-уми декабр дар шаҳри Дубайи Амороти Мутаҳидаи Араб баргузор шуд, ӯ миёни варзишгарони 29 кишвари Осиё сазовори ҷойи аввал шуд.

Муҳаммадалӣ Мирзоев дар намуди пауэрлифтинг Устоди варзиши Тоҷикистон, чемпиони чандинкаратаи ҷумҳурӣ, чемпиони мутлақи ҷумҳурӣ, аввалин чемпиони Осиё дар Федератсияи байналмилалии пауэрлифтинг (IPF) дар Тоҷикистон байни наврасон ба ҳисоб меравад.



Муҳаммадалӣ Мирзоеви 23-сола дар Чемпионати ҷаҳон миёни калонсолон, ҷавонон ва наврасон, ки аз 21 то 29-уми майи соли равон дар шаҳри Алмаато баргузор шуд, байни варзишгарони беш аз 30 кишвари ҷаҳон дар вазни 105 кг сазовори медали нуқра гардида буд.

ФУТБОЛ



ЛФТ БЕҲТАРИНҲОИ МАВСИМИ 2022-РО ЭЪЛОН КАРД

13-уми декабр дар толори «Кохи Суруш»-и пойтахт маросими ҷоизасупории Лигаи футболи Тоҷикистон баргузор шуд, ки дар он беҳтаринҳо аз рӯи натоиҷи мавсими гузашта эълон мшуданд.

Дар маҷмуъ, дар ин рӯз ғолибон аз рӯи понздаҳ номинатсияи Лигаи олии Тоҷикистон, чемпионати кишвар байни дастаҳои Лигаи якум ва миёни дастаҳои ҷавонони Лигаи олӣ маълум шуданд.

Ҳамин тариқ, нимҳимоятгари тими «Куктош» Худойдод Узоқов беҳтарин бозигари лигаи якуми Тоҷикистон ва ҳамлагари дастаи «Гулистон» Муҳсин Рустамзода ҷоизаи нишонзани беҳтаринро соҳиб шуданд. Сармураббии дастаи «Куктош» Тоҳир Муъминов беҳтарин мураббии лигаи якуми Тоҷикистон дар мавсими 2022 эътироф гардид.

Миёни ҷавонон ҷоизаи беҳтарин бозигар насиби Паҳлавон Баҳризода аз тими «Истиқлол»-и пойтахт шуд. Сармураббии дастаи ҷавонони «Регар-ТадАЗ» Фарҳод Холбеков ҷоизаи беҳтарин мураббӣ ва Асадбек Ҷӯрабекзода (КМВА) ҷоизаи беҳтарин нишонзани чемпионати Тоҷикистон миёни ҷавононро моли худ карданд.

Гулмуроди Саъдулло бори нахуст дар фаъолияти касбияш бо ҷоизаи «Беҳтарин довари Тоҷикистон» сарафроз гашт. Дар лигаи олии Тоҷикистон дарвозабони дастаи «Истиқлол» ва тими миллии Тоҷикистон Рустам Ятимов беҳтарин дарвозабон дониста шуд. Капитани тими миллии кишвар Аҳтам Назаров беҳтарин ҳимоятгари мусобиқоти қаҳрамонии Тоҷикистон-2022 гардид. Бозигари «Хатлон»-и Бохтар Тоҳирҷон Тағойзода бо ҷоизаи «Беҳтарин нимҳимоятгари чемпионати Тоҷикистон-2022» мукофотонида шуд. Сарвони бошгоҳи «Хуҷанд» Ҷаҳонгир Эргашев беҳтарин ҳамлагари чемпионат дар мавсими 2022 эълон гардид. Ва ҳимоятгари ганагии «Равшан»-и Кӯлоб Самуэл Офорӣ беҳтарин легионери лигаи олӣ эътироф шуд. Сармураббии дастаи «Истиқлол» Алишер Тӯхтаев ҷоизаи беҳтарин мураббии Тоҷикистон-2022-ро гирифт. Беҳтарин бозигари сол сарвони «Истиқлол» Манучеҳр Ҷалилов дониста шуд, ки ӯ ҳамчунин бо задани 16 гол нишонзани беҳтарини чемпионати кишвар дар соли 2022 эълон гардид.

РЕЗААХБОР

Нимҳимоятгари дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон Амирбек Ҷӯрабоев фаъолияти худро дар бошгоҳи футболи «Кедах»-и Суперлигаи Малайзия идома медиҳад. Охирин бошгоҳи Амирбек Ҷӯрабоев бошгоҳи «Юнайтед Сити»-и Филиппин буд. Мавсими нави Суперлигаи Малайзия аввали моҳи марти соли 2023 оғоз мешавад.

***

КМВА (Душанбе) сармураббӣ ва ҳайати нави мураббиёни дастаро барои мавсими нав эълон кард. Сармураббии даста мутахассиси маҳаллӣ Аҳмадиддин Турдиев таъйин шудааст. Ба ӯ Файзалӣ Давлатов ва Алиҷон Турдиназаров ёварӣ мекунанд. Инҳо пеш аз ин дар дастаи мунтахаби футболбозони то 20-солаи Тоҷикистон кор мекарданд, ки дастаро ба финали Ҷоми Осиё (U-20) баровардand. Турдиев дар ин вазифа мутахассиси эронӣ Аббос Азизиро иваз кард.

***

Дастаи «Соро компания»-и Душанбе дар соли 2022 хет-трики тиллоӣ кард. Пас аз пирӯзӣ дар Суперҷоми Тоҷикистон ва Суперлигаи Тоҷикистон дастаи Пайрав Воҳидов барандаи Ҷоми кишвар низ гардид. Дар бозии ниҳоии Ҷоми Тоҷикистон-2022 «Соро компания» бар тими «Амонатбонк» бо ҳисоби 5:0 пирӯз шуд. Дубли Самандар Ризомов, голҳои Дилшод Саломов, Идрис Ёров ва легионери эронӣ Муҳсин Муҳаммадзода ба «Соро компания» ғалаба оварданд.

***

Бадансоз (бодибилдер) аз Тоҷикистон Жасмин Ан-Нимр дар чемпионати 13-уми WBPF 2022 дар Пхукети Тайланд қаҳрамони ҷаҳон шуд. Дар ин бора худи варзишгар дар саҳифаи инстаграми худ хабар дод. Моҳи июли соли ҷорӣ ӯ дар 54-умин чемпионати бадансозии Осиё, ки дар Молдив баргузор шуд, ғолиб омада буд. Ӯро собиқ раҳбари Федератсияи бодибилдинг ва пауэрлифтинги кишвар Олим Парпиев тамрин медиҳад.

ШАКАРХАНД

АГАР ЗАН НАМЕДОШТАМ

Бонуи хона, ки бозавқ рӯзнома мехонд, ногаҳон ба ҳамсараш мурочиат мекунад:

- Тассавур кунед, мардакҷон, олимон дастгоҳе сохтаанд, ки умри инсонро то 150 сол дароз мекунад.

- Бехтарин, агар зан намедоштам, якто барои худам мехаридам.

ХОБ

Зан ба шавҳар мегӯяд:

- Мардакҷон, имшаб хоб дидам, ки ба ман ангуштарини тиллоӣ туҳфа кардай.

Шавҳар мегӯяд:

- Ту агар бо ман ҷангу ҷанҷолатро бас кунӣ, ин дафъа дар хобат ба ту гарданбанди тилло мехарам.

САВОЛ

Харидор мехоҳад ба асаби қассоб расад:

- Ин гӯшт дар зинда буданаш "Мияв" мегуфт ё "Воввов"?

Қассоб:

- Ин гӯшт дар вақти зинда буданаш ҳар хел савол медод!

ЧОРПО МЕНАМОЕД...

Як марди олус барои додхоҳӣ ба назди подшоҳ омад. Подшоҳ ба ҷои шунидани арзу дод, он мардро шарм доронданӣ шуда, пурсид:

- Ба назари олусҳо ҳар як чиз дуто менамояд мегӯянд, ҳамин гап рост?

Олус дарҳол ҷавоб дод:

- Ҳо, тақсир! Масалан, ҳозир шумо ба назари ман чорпо менамоед!

УСТОД

Муаллими таърих аз хонанда мепурсад:

- Канӣ бигӯ, шоҳ Аббос чӣ гуна шоҳе буд?

Хонанда ҳар қадар, ки фикр мекунад, ҷавоби суолро пайдо карда наметавонад ва билохира мегӯяд:

- Устод, аз қафои мурда гап задан хуб нест.

КОРД

Муфаттиш:

- Шумо ин кордро мешиносед?

Гумонбаршуда:

- Албатта!

- Оҳо! Оқибат шинохтед?

- Ҷин занад, чӣ хел нашиносам, ки онро ба ман ду моҳ боз нишон медиҳед!

ҲОФИЗА

- Оча, шумо ҳофизаед?,- пурсид духтарчае аз модараш.


Модар бо ҳайрат:

- Не, кӣ гуфт?

Духтарча мегӯяд:

- Падарам гуфтанд, ки модарат аз кор омада истодааст, ҳозир консерт сар мешавад.

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА



ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

САНАДИ ЭЛЕКТРОНИИ МУҲОҶИР ЧИСТ?

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ навиштаанд, ки аз ин ба баъд дар Русия барои муҳоҷир санади нави электронӣ таҳия мешавад. Моҳияти ин санад аз чӣ иборат аст?

СУБҲИДДИН, шаҳри Хуҷанд

- Русия санади электронии муҳоҷирро таҳия хоҳад кард,- иттилоъ додааст рӯзномаи "Известия" бо истинод ба мудири кулли "Гознак" Аркадий Трачук. Ба гуфтаи ӯ, ҳоло масъалаи ҷорӣ кардани низоми шиносоии биометрӣ барои муҳоҷирон баррасӣ мешавад.

Тавре Трачук қайд кардааст, сухан дар бораи низоми электроние меравад, ки шабеҳи "Госуслуги" аст, аммо дар бораи чӣ гуна дар қаламрави Русия кор кардани шаҳодатномаи нави электронӣ Сарраёсати муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ пурра маълумот хоҳад дод.

Бояд гуфт, ки лоиҳаи мазкурро Вазорати корҳои дохилӣ дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди рақамӣ роҳандозӣ кардаанд.

Трачук таъкид кардааст, ки ширкати "Гознак" дар ин лоиҳа нақши ташкилоти хидматрасониро мебозад.

Лоиҳаи нав бояд тамоми хизматрасониро барои шаҳрвандони хориҷӣ соддатар гардонад.

"Дорандаи шаҳодатнома нафарест, ки дар бораи ӯ тамоми маълумот ҷамъоварӣ шудааст: ному насаб, иҷозатномаи кор, шиноснома ва суғуртаи тиббиаш",- гуфтааст мудири кулли "Гознак".

Аркадий Трачук таъкид кардааст, ки ин як навоварии хеле саривақтист, зеро дар бозори байналмилалии меҳнат бояд ҳамеша нисбати коргарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои дигар рақобатпазир буд.



БО «ТОҶИКИСТОН» БОШ, БОХАБАР АЗ ҶАҲОН БОШ!

Ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» барои соли 2023 обунашавӣ идома дорад.

Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» аз соли 1992 нашр гардида, мунтазам ҳафтае як маротиба ҳар рӯзи панҷшанбе чоп мешавад ва сари вакт дастраси хонандагон мегардад.

Обуна ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» солона буда, аз тарафи идораи ҳафтанома ва дар ҳама муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳо қабул карда мешавад.



Индекси обуна: 68854.

С/х 20202972400015101000
х/м 20402972316264
БИК 350101626
РМА 030000603
БДА ҶТ «Амонатбонк»-и ш. Душанбе.

Нишонии ҳафтаномаи «Тоҷикистон»: ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16, ошёнаи 11.

Телефонҳо барои маълумот:
93-866-82-64, 918-66-82-64.